ҶАМЪИЯТИ САҲҲОМИИ ПӮШИДАИ БОНКИ “ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ”

Ҳисоботи молиявӣ
барои соле, ки 31 декабри соли 2025 ба охир расид

ва ҳисоботи аудитори мустақил

ҶСП БОНКИ “ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ”

МУНДАРИҶА

	САҲИФАҲ
ИЗҲОРОТИ РОҲБАРИЯТ ОИД БА МАСЪУЛИЯТИ ИҶРОИШ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 БА ОХИР РАСИД	3
ҲИСОБОТИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ	4-7
ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 БА ОХИР РАСИД:	
Ҳисобот оиди фоида ё зарар ва дигар даромади муштарак	8
Ҳисобот оиди вазъи молиявӣ	9
Ҳисобот оиди тағьирёбии сармоя	10
Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ	11-12
Эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ	13-70

** Тарҷумаи ғайрирасмӣ*

ҶСП БОНКИ “ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ”

ИЗҲОРОТИ РОҲБАРИЯТ ОИДИ МАСЪУЛИЯТИ ИҶРОИШ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 БА ОХИР РАСИД

Маълумоти дар поён овардашуда, ки бояд якҷоя бо тавсифи ўҳдадориҳои аудиторон, ки дар ҳисоботи пешниҳодшудаи аудиторони мустақил омадаанд, баррасӣ шавад, бо мақсади ҳудудгузории масъулияти роҳбарияти ҶСП БОНКИ "Имон Интернешнл" (дар оянда – “Ташкилот”) ва аудиторони мустақил барои қил бар ҳисоботи молиявии Ташкилот пешниҳод мешавад.

Роҳбарияти Ташкилот барои омодагии ҳисоботи молиявӣ, ки вазъи молиявии Ташкилотро ба ҳолати 31 декабри соли 2025 дуруст инъикос менамояд, барои натиҷаҳои фаъолияти он, гардиши маблағҳои пулӣ ва тағйироти сармоявии солона, ки дар санаи зикргардида анҷом ёфтааст, мутобиқи Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) масъул мебошад.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ Роҳбарият ҷавобгар аст ба:

- интихоб ва истифодаи мақбули усулҳои сиёсати ҳисобдорӣ;
- пешниҳод намудани маълумот, инчунин маълумот дар бораи сиёсати ҳисобдорӣ, дар шакле, ки бамавриднокӣ, боэътимоднокӣ, қиёспазирӣ ва возеҳии чунин ахборотро таъмин менамояд;
- пешниҳод намудани маълумоти иловагӣ дар ҳолатҳое, ки риояи талаботи СБҲМ барои фаҳмиши таъсири ин ё он амалиётҳо, ва инчунин дигар воқеъаҳо ва ҳолатҳо ба вазъи молиявӣ ва натиҷаи молиявии Ташкилот аз тарафи истифодабарандагони ҳисоботи молиявӣ кофӣ нест;
- баҳо додан ба қобилияти Ташкилот барои давом додани фаъолият дар оянда и дидашаванда.

Роҳбарият инчунин ҷавобгар аст барои:

- Таҳия, татбиқ ва таъмини фаъолияти низоми самаранок ва мустаҳками назорати дохилӣ дар ҳамаи шӯъбаҳои Ташкилот;
- Нигоҳдории қайдҳои дахлдори баҳисобгирӣ, ки барои маънидод кардани амалиётҳои Ташкилот ва бо саҳеҳият ва дар дилхоҳ вақт бозгӯ намудани вазъи молиявии Ташкилот кофиянд ва кафолат медиҳанд, ки ҳисоботҳои молиявии Ташкилот ба талаботи Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявӣ (СБҲМ) мутобиқанд;
- Нигоҳдории қайдҳои муҳосибӣ мутобиқи талаботи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стандартҳои Байналмиллилалии Ҳисоботи Молиявӣ;
- Андешидани чораҳои дастрас ҷиҳати таъмини амнияти дороҳои Ташкилот; ва
- Ошкор ва пешгирии факти қаллобӣ ва дигар қонунвайронкуниҳо.

Ҳисоботи молиявии Ташкилот барои соле, ки 31 декабри соли 2025 ба охир расид, аз тарафи Роҳбарияти Ташкилот дар санаи 31 марти соли 2026 тасдиқ шудааст.

Аз номи роҳбарияти Ташкилот:

Джорджио Парола
и. в. Раиси Раёсат

31 марти соли 2026
ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хайруллоев Фирдавс
и.в. Директори молиявӣ

31 марти соли 2026
ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

RSM Tajikistan

Business center "SOZIDANIE"
Ayni street 48, 4th floor
Dushanbe
734024
Tajikistan
T +992 (44) 6006370
rsm.tj

ООО "РСМ ТОҶИКИСТОН"
Исх. № 11/26
"31." марта 2026 с.

ХУЛОСАИ АУДИТОРИИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

Ба Саҳмдорон ва Шӯрои Нозирони Ҷамъияти Саҳҳомии Пӯшидаи Бонки «Имон Интернешнл»:

Ақида

Мо аудити ҳисоботи молиявии Ҷамъияти Саҳҳомии Пӯшидаи Бонки «Имон Интернешнл» (минбаъд «Бонк»)-ро гузаронидем, ки аз ҳисоботи оид ба вазъи молиявӣ дар ҳолат ба санаи 31 декабри соли 2025, ҳисоботи оид ба даромади умумӣ, ҳисоботи оид ба тағйирот дар сармоя ва ҳисоботи оид ба гардиши воситаҳои пулӣ барои соле, ки дар санаи зикршуда ба охир расидааст, инчунин эзоҳҳот ба ҳисоботи молиявии, аз ҷумла шарҳи мухтасари муқаррароти асосии сиёсати баҳисобгириро дар бар мегирад, иборат мебошанд.

Ба ақидаи мо, ҳисоботи молиявӣ вазъияти молиявии Бонкро дар ҳама ҷанбаҳои назаррас дар ҳолат ба санаи 31 декабри соли 2025, инчунин натиҷаҳои молиявии онро ва гардиши воситаҳои пулиро барои соле, ки дар санаи зикршуда ба охир расидааст, мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд «СБҲМ»), ба таври саҳеҳ инъикос менамояд.

Асос барои ифодаи ақида

Мо аудитро мутобиқи Стандартҳои байналмилалии аудит (минбаъд «СБА») ба анҷом расонидем. Ӯҳдадории мо мутобиқи стандартҳои мазкур поёнтар, дар фасли «Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ» дар хулосаи аудитории мо тавсиф карда мешаванд. Мо нисбат ба Бонк мустақил буда, мутобиқи кодекси Байналмилалии ахлоқии муҳосибони касбӣ ва Шурои стандартҳои байналмилалии ахлоқии муҳосибон («Кодекс») ва талаботҳои ахлоқӣ, ки барои аудити ҳисоботи молиявӣ мо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқшаванда аст, инчунин ӯҳдадориҳои дигари ахлоқии худро мутобиқи талаботҳои мазкур иҷро намудем. Ба хулосаи мо, он далелҳои аудиторие, ки аз тарафи мо ба даст оварда шудаанд, ҳамчун асос барои ифодаи ақидаи мо кофӣ ва дуруст мебошанд.

Масъалаҳои асосии аудит

Масъалаҳои асосии аудит – ин масъалаҳое мебошанд, ки мутобиқи муҳокимаи касбии мо, барои аудити ҳисоботи молиявии барои соли ҷорӣ бештар муҳиманд. Ин масъалаҳо дар ҳудуди аудити ҳисоботи молияви мо дар маҷмӯъ ва ҳангоми ташаккулёбии ақидаи мо дар бораи ин ҳисоботи молиявӣ баррасӣ гардида буд ва мо ақидаи алоҳидаро вобаста ба масъалаҳои мазкур изҳор наменамоем.

THE POWER OF BEING UNDERSTOOD
ASSURANCE | TAX | CONSULTING

RSM Tajikistan is a member of the RSM network and trades as RSM. RSM is the trading name used by the members of the RSM network. Each member of the RSM network is an independent accounting and consulting firm each of which practices in its own right. The RSM network is not itself a separate legal entity of any description in any jurisdiction.

Масъалаҳои асосии аудит	Расмиётҳои аудиторӣ нисбати масъалаҳои асосии аудит
Методологияи беқурбшавии сандуқи қарзӣ	
Роҳбарияти Бонк захираҳоро нисбат ба воситаҳои молиявӣ дар асоси шартҳои шартномаҳои басташуда, арзёбии вазъи молиявии мизоҷон ва инчунин пешгӯии воридоти ояндаи маблағҳо аз рӯи ӯҳдадориҳои дар санаи ҳисоботӣ мавҷудбударо бо назардошти рӯйдодҳои пас аз санаи ҳисоботӣ ташкил мекунад. Ташаккули захира дар асоси инфиродӣ, дар асоси баҳодиҳии қобилияти пардохти қарзгиранда, бо назардошти таснифи ӯҳдадориҳои қарзгиранда ва амволи гарави ӯ сурат мегирад	Аз ҷониби мо расмиётҳои таснифи қарзҳо аз рӯи гурӯҳҳои хавф гузаронида шуданд, системаи назорати дохилӣ арзёбӣ карда шуд, қарзҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси интихобӣ бо назардошти ҳисобкунии захираҳо санҷида шуданд. Эзоҳ 16 «Қарзҳо ба мизоҷон» дорои маълумоти муфассал оид ба қарзҳо, бо назардошти ташаккули захира таҳти бекурбшавӣ, мебошад.
Пасандозҳои мизоҷон	
Роҳбарияти Бонк пасандозҳоро аз шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ ҷалб мекунад. Пасандозҳо ҳам бо асъори миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ дар асоси шартномаҳои басташуда бо кредиторон дар асоси кӯтоҳмуддат бо тамдиди минбаъда ҷалб карда мешаванд. Мо ба ин масъалаҳо бо сабаби тағйироти назарраси ин модда нисбат ба соли гузашта диққати махсус медиҳем. Сохтор ва нигоҳдории ҳар як амонат аз Бонк арзёбии созишномаҳои шартномавӣ ва таъсири онҳоро ба баҳисобгирии амонатҳо талаб мекунад.	Аз ҷониби мо расмиётҳои зерин гузаронида шуданд: - мо созишномаҳои басташударо барои арзёбӣ ва муайян кардани тартиби дурусти инъикоси созишнома тибқи талаботи СБҲМ баррасӣ ва таҳлил кардем; - мо расмиётҳои санҷиши пуррагӣ ва дақиқии ӯҳдадориҳои дар ҳисоботи молияви ва натиҷаҳо, аз ҷумла арзёбиро мутобиқи СБҲМ анҷом додем. Аз ҷониби мо, расмиётҳои таҳлили шартномаҳо, омӯзиши системаи назорати дохилӣ оид ба ин пасандозҳо гузаронида шуданд, инчунин дар асоси интихобӣ тартиби ҳисобкунии пасандозҳо ва фоизҳо аз рӯи онҳо гузаронида шудааст. Эзоҳи 124 «Пасандозҳои мизоҷон» маълумоти муфассалро оид ба қарзҳо дар бар мегирад.

Масъулияти Роҳбарият ва шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ва барои ҳисоботи молиявӣ ҷавобгӯ ҳастанд

Роҳбарият барои таҳия ва ба таври саҳеҳ пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ зикргардида мутобиқи СБҲМ ва барои низоми назорати дохилӣ, ки онро Роҳбарият барои омода намудани ҳисоботи молиявӣ зарур мешуморад, ки он таҳрифҳои назаррасро дар натиҷаи амалҳои беинсофона ва ё хатогиҳо дар бар надорад, масъул мебошад.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ, Роҳбарият барои баҳогузорӣ намудани қобилияти Бонк оид ба давом додани фаъолияти бефосилаи худ, барои ошкор намудани маълумот дар ҳолатҳои дахлдор, ки ба бефосилагӣ тааллуқ дорад ва барои тартиб додани ҳисобот дар асоси иҷозат оид ба фаъолияти бефосилагӣ масъул мебошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки Роҳбарият нияти барҳамдиҳии Бонк, қатъ

намудани фаъолияти онро дошта бошад ва ё вақте ки роҳи дигари воқеиро ғайр аз барҳамдиҳӣ ва ё қатънамоии фаъолият надошта бошад.

Шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, масъулиятро барои назорати таҳия намудани ҳисоботи молиявии Бонк ба зимма мегиранд.

Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ

Ҳадафи мо аз он иборат аст, ки эътимоди оқилона ба даст орем, ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифҳои назаррасро дар натиҷаи амалҳои беинсофона ва ё хатогиҳо надорад ва дар нашри хулосаи аудиторӣ, ки ақидаҳои моро дар бар мегирад, иборат мебошад.

Боварии оқилона дараҷаи баланди эътимодро ифода мекунад, аммо кафолати он нест, ки аудити мутобиқи Стандартҳои Байналмилалии Аудит (минбаъд «СБА») гузаронидашуда ҳамеша метавонад таҳрифи назарраси мавҷударо ошкор намояд. Таҳрифҳо метавонанд натиҷаи амалҳои беинсофона ё хатогиҳо бошанд ва агар ба таври асоснок тахмин кардан мумкин бошад, ки онҳо дар алоҳидагӣ ва ё дар метавонанд ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон дар асоси ин ҳисоботи молиявӣ таъсир расонанд, муҳим ҳисобида мешаванд.

Дар доираи аудит, ки мутобиқи СБА гузаронида мешавад, мо ақидаҳои касбиро истифода мебарем ва нобоварии касбиро (профессиональный скептицизм) дар тули тамоми санҷиши аудиторӣ нигоҳ медорем. Ғайр аз ин, мо корҳои зеринро иҷро менамоем:

- хавфҳои таҳрифи назарраси ҳисоботи молиявӣ дар натиҷаи амалҳои беинсофона ё хатогиҳо муайян ва арзёбӣ менамоем; дар посух ба ин хавфҳо расмиётҳои аудиторӣ таҳия намуда ва иҷро менамоем; далелҳои аудиториро, ки ҳамчун асос барои ифода намудани ақидаҳои мо кофӣ ва мутобиқ мебошанд, ба даст меорем. Хатари ошкор накардани таҳрифи назаррас дар натиҷаи амали беинсофона ба вуҷудомада, назар ба хатари ошкор кардани таҳрифи назаррас дар натиҷаи хатогӣ ба вуҷудомада баландтар мебошад, зеро амалҳои беинсофона метавонанд забоняккунӣ, сохтакорӣ, иҷозати қалбакӣ, пешниҳоди маълумоти таҳрифшуда ва ё амалҳои берун аз низоми назорати дохилиро дар бар гирад;
- фаҳмиши низоми назорати дохилиро, ки барои аудит аҳамият дорад, бо мақсади коркарди расмиётҳои аудиторӣ, ки ба ҳолатҳо мутобиқат менамояд, вале на бо мақсади ифода намудани ақида оид ба самаранокии низоми назорати дохилии Бонк, ба даст меорем;
- хусусияти дурусти сиёсати баҳисобгирии татбиқшаванда ва дурустии баҳодиҳии баҳисобгирӣ ва ифшои дахлдори маълумотро аз ҷониби Роҳбарият омодашударо арзёбӣ менамоем;
- дар бораи қонунӣ будани татбиқи иҷозат дар бораи фаъолияти бефосила аз тарафи Роҳбарият хулоса мебарорем, дар асоси далелҳои аудитории бадастовардашуда дар бораи он ки оё номуайянии назаррас вобаста ба ҳодисаҳо ва ё шароитҳо, ки дар натиҷаи онҳо метавонад шубҳаи назаррас дар қобилияти Бонк оид ба давом додани фаъолияти бефосилагӣ ба вуҷуд ояд, хулоса мебарорем. Агар мо дар мавҷуд будани номуайянии назаррас ба хулоса оем, пас мо бояд диққати махсусро дар хулосаи аудитории худ вобаста ба ошкорнамоии маълумоти дахлдор дар ҳисоботи молиявӣ ҷалб намоем ва агар чунин ошкорнамоии маълумот номутобиқ бошад, пас мо бояд ақидаи худро такмил диҳем. Хулосаҳои мо ба далелҳои аудиторӣ, ки то санаи хулосаи аудитории мо ба даст оварда шудааст, асос ёфтааст. Вале рӯйдодҳои оянда ва ё шароитҳо метавонанд ба он оварда расонанд, ки Бонк қобилияти давом додани фаъолияти бефосилагии худро гум менамояд;
- арзёбии пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ дар умум, сохторҳо ва таркиботи он, аз он ҷумла ифшои маълумот, инчунин он, ки оё ҳисоботи молиявӣ амалиёт ва рӯйдодҳои дар асоси он мавҷудбударо чунон пешниҳод карда метавонад, ки пешниҳоди саҳеҳи он таъмин карда шавад, мегузаронем;
- далелҳои кофии аудитории марбут ба маълумоти молиявии ташкилотҳо ё фаъолиятҳои дохили Бонкро ба даст меорем, то дар бораи ҳисоботи молиявӣ изҳори назар намоем. Мо барои роҳбарӣ,

назорат ва гузаронидани аудити Бонк масъулем ҳастем. Мо комилан масъули ақидаи аудиторӣ худ мемонем.

Мо ҳамкории мутақобилаи иттилоотиро бо шахсоне, ки барои идоракунии корпоративӣ ҷавобгӯ мебошанд, амалӣ намуда, ба маълумоти онҳо, ғайр аз ҳама чизҳои дигар, маълумотро дар бораи ҳаҷм ва мӯҳлати аудити ба нақша гирифташуда, инчунин дар бораи мулоҳизаҳои назаррас оид ба натиҷаи аудит, аз он ҷумла, камбудиҳои назаррасӣ низоми назорати дохилӣ, ки мо дар ҷараёни аудит ошкор менамоем, мерасонем.

Мо инчунин ба шахсони масъули идоракунии корпоративӣ изҳорот медиҳем, ки мо ҳамаи талаботҳои ахлоқии дахлдорро оид ба мустақилият риоя кардаем ва ин шахсонро огоҳ дар бораи ҳама муносибатҳо ва дигар масъалаҳое сохтем, ки метавонанд асоснок ба мустақилияти аудитор таъсир расонанд ва дар ҳолатҳои зарурӣ чораҳои эҳтиётии дахлдорро ба иттиллои онҳо расонидем.

Ҳамроҳбари аудит, ки аз руи натиҷаҳои он хулосаи аудитории аудитори мустақили мазкур нашр шудааст, Мафтун Баратов ба ҳисоб меравад.

Баҳрулло Муллоев
Ҳамроҳбари Идоракунанда
ҶДММ «РСМ Тоҷикистон»
Иҷозатномаи Бонки миллии
Тоҷикистон БМТ № 0000352
аз 01 ноябри соли 2025

Мафтун Баратов
Ҳамроҳбари аудит
Шаҳодатномаи мутахассиси
аудити бонкӣ БМТ № 0000057
аз 30 декабри 2015 сол

31 марти соли 2026
Душанбе, Тоҷикистон

ҶСП БОНКИ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ"

ҲИСОБОТ ОИД БА ФОИДА Ё ЗАРАР ВА ДИГАР ДАРОМАДИ МУШТАРАК БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 БА ОХИР РАСИД

(бо ҳазор сомонӣ)

	Эзоҳ	Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст
Даромадҳои фоизӣ бо усули фоизи самаранок ҳисоб карда мешавад	4	609,140	511,363
Харочотҳои фоизӣ	4	(310,025)	(275,484)
ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗЙ ТО ТАШАККУЛЁБИИ ЗАХИРАҲО БАРОИ БЕҚУРБШАВИИ ДОРОИҲОЕ, КИ АЗ РӮИ ОНҲО ФОИЗҲО ҲИСОБ КАРДА МЕШАВАНД		299,115	235,879
(Ташаккули) / баркарор захира барои беқурбшавии дороиҳое, ки аз рӯи онҳо фоизҳо ҳисоб карда мешаванд	16	(25,620)	1,011
ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗЙ		273,495	236,890
Даромадҳои комиссионӣ	5	8,298	6,232
Харочотҳои комиссионӣ	5	(9,872)	(9,111)
(Зарари) соф рӯи амалиётҳо бо воситаҳои молиявӣ	6	(224)	(3,450)
Даромад соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ	7	6,871	6,977
(Ташаккули) захира оид ба беқурбшавии дигар дороиҳо	8	(301)	(267)
Дигар даромадҳои гайриамалиётӣ, холис	9	2,427	1,509
ДАРОМАДҲОИ СОФИ ҒАЙРИФОИЗЙ		7,199	1,890
Харочотҳои амалиётӣ	10	(200,797)	(178,897)
ФОИДА ТО АНДОЗ АЗ ФОИДА		79,897	59,883
Харочоти андоз аз фоида	11	(18,537)	(15,864)
ФОИДА ДАР ДАВОМИ СОЛ		61,360	44,019
Дигар даромади муштарак:	18	-	-
ҲАМАГӢ ДАРОМАДИ МУШТАРАК		61,360	44,019

Аз номи роҳбарияти Ташкилот:

Джорджио Парола
и. в. Раиси Раёсат

31 марти соли 2026
ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хайруллоев Фирдавс
и.в. Директори молиявӣ

31 марти соли 2026
ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 13-70 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-7 оварда шудааст.

ҶСП БОНКИ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ"

ҲИСОБОТ ОИДИ ВАЗЪИ МОЛИЯВӢ БА ҲОЛАТИ 31, ДЕКАБРИ СОЛИ 2025

(бо ҳазор сомонӣ)

	Эзоҳ	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
ДОРОИҲО			
Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо	12	207,200	161,105
Воситаҳо дар бонкҳо	13	71,010	23,126
Воситаҳои барои истифода маҳдуд	14	52,430	80,695
Қарзҳои ба мизоҷон додашуда	16	2,086,373	1,890,560
Қоғазҳои қиматноки сармоягузорӣ	17	527	416
Воситаҳои асосӣ	18	78,767	61,202
Дороиҳои ғайримоддӣ	19	27,114	23,475
Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	20	20,608	18,913
Дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд	21	1,058	1,570
Дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда	11	645	-
Дороиҳои дигар	22	19,873	20,976
ҲАМАГӢ ДОРОИҲО		2,565,605	2,282,038
ӮҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ			
ӮҲДАДОРИҲО			
Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ	23	25,633	32,914
Воситаҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешаванд	15	1,207	1,318
Амонатҳои мизоҷон	24	1,134,634	955,898
Маблағҳои қарзӣ	25	940,022	899,207
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	20	24,887	22,678
Ӯҳдадориҳо андозии мавқуфгузошташуда	11	-	2,272
Дигар ӯҳдадориҳо	26	33,547	18,936
		2,159,930	1,933,223
САРМОЯ			
Сармояи оинномавӣ	27	111,111	111,111
Сармояи барилова пардохтшуда		6,255	6,255
Захираҳои умумӣ		183,330	132,845
Азнавбаҳодихии фондҳои асосӣ		30,752	33,215
Фоидаи тақсимнашуда		74,227	65,389
ҲАМАГӢ ӮҲДАДАРИҲО ВА САРМОЯ		405,675	348,815
		2,565,605	2,282,038

Аз номи роҳбарияти Ташкилот:

Джорджио Парола
и. в. Раиси Раёсат

31 марти соли 2026
ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хайруллоев Фирдавс
и.в. Директори молиявӣ

31 марти соли 2026
ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 13-70 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-7 оварда шудааст.

ҶСП БОНКИ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ"

ҲИСОБОТ ОИДИ ТАҒЪИРЁБИИ САРМОЯ
БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 БА ОХИР РАСИД
(бо ҳазор сомонӣ)

	Эзоҳ	Сармояи оинномавӣ	Сармояи барилова пардохтшуда	Захираҳои умумӣ	Азнавбаҳодихии фондхои асоси	Фоидаи тақсимнашуда	ҲАМАГӢ САРМОЯ
Бақия ба ҳолати 31 декабри соли 2023	27	111,111	6,255	132,845	35,679	24,338	310,228
Дивидендҳо		-	-	-	-	(5,432)	(5,432)
Тағйироти захираи умумӣ ва азнавбаҳодиҳӣ		-	-	-	(2,464)	2,464	-
Ҳамагӣ амалиётҳо бо саҳмдорон		-	-	-	(2,464)	(2,968)	(5,432)
Фоида дар давоми сол						44,019	44,019
Бақия ба ҳолати 31 декабри соли 2024.	27	111,111	6,255	132,845	33,215	65,389	348,815
Дивидендҳо		-	-	-	-	(4,500)	(4,500)
Тағйироти захираи умумӣ ва азнавбаҳодиҳӣ		-	-	-	(2,463)	2,463	-
Афзоиши захираҳои умумӣ		-	-	50,485	-	(50,485)	-
Ҳамагӣ амалиётҳо бо саҳмдорон				50,485	(2,463)	(52,522)	(4,500)
Фоида дар давоми сол		-	-	-	-	61,360	61,360
Бақия ба ҳолати 31 декабри соли 2025	27	111,111	6,255	183,330	30,752	74,227	405,675

Аз номи роҳбарияти Ташкилот:

Джорджио Парола
и. в. Раиси Раёсат

31 марти соли 2026
ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хайруллоев Фирдавс
и.в. Директори молиявӣ

31 марти соли 2026
ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 13-70 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-7 оварда шудааст.

ҶСП БОНКИ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ"

ҲИСОБОТ ОИДИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 БА ОХИР РАСИД

(бо ҳазор сомонӣ)

	Эзоҳ	Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 ба охир расид	Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 ба охир расид
ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ			
Фоида то баҳисобгирии харочотҳои андоз аз фоида		79,897	59,883
Тасҳеҳот оиди:			
Ҳаракат дар захираҳо барои талафоти эҳтимолии қарзӣ оиди дороиҳои фоизӣ	16	25,620	(1,011)
Истеҳлоки воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ	10	12,146	12,098
Истеҳлоки дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	10	8,927	8,577
Ҳаракат дар захираҳо барои талафотҳои чашмдошти қарзӣ оиди воситаҳо дар бонкҳо	8	125	(135)
Ҳаракат дар захираҳо оиди беқурбшавии дороихои дарозмуддати барои фуруш нигохдошташуда	8	409	386
Ҳаракат дар захираҳо аз руи ҳисобҳо барои қабул	8	(233)	16
Ҳаракат дар захираҳо оиди рухсатии истифоданашуда	10	637	(851)
Даромад аз афзоиши сармоягузорӣ		(111)	
Даромад аз модификацияи шартномаҳо аз руи иҷора	20		7
Зарар аз содироти воситаҳои асосӣ	18	162	46
Воситаҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешаванд	6	224	3,450
Фарқиятҳои қурбӣ	7	3,833	1,999
Даромади софи фоизӣ	4	(294,631)	(235,879)
Ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то тағйиротҳо дар дороиҳо ва ӯҳдадориҳои амалиётӣ		(162,995)	(151,414)
(Афзоиши) / камшавии дар дороиҳои амалиётӣ:			
Воситаҳои барои истифода маҳдуд		27,214	(5,197)
Воситаҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешаванд		(1,035)	(5,675)
Қарзҳои ба мизоҷон додашуда		(229,919)	(384,483)
Дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд		103	(743)
Дороиҳои дигар		5,691	6,384
Афзоиши / (камшавии) дар ӯҳдадориҳои амалиётӣ:			
Амонатҳои мизоҷон		185,285	190,561
Маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ		(6,163)	(1,804)
Дигар ӯҳдадориҳо		14,222	7,521
(Хориҷшавии) воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ то андозбандӣ		(167,597)	(344,850)
Фоизҳои бадастовардашуда		607,927	503,895
Фоизи пардохтшуда		(313,918)	(263,507)
Андоз аз фоидаи пардохтшуда		(14,323)	(3,318)
Афзоиши / (хориҷшавии) софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ		112,088	(107,780)

ҶСП БОНКИ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ"

ҲИСОБОТ ОИДИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ (ДАВОМ)
БАРОИ СОЛЕ, КИ 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2025 БА ОХИР РАСИД
(бо ҳазор сомонӣ)

	Эзоҳ	Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 ба охир расид	Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 ба охир расид
ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ			
Хариди воситаҳои асосӣ	18	(25,492)	(6,774)
Хариди дороиҳои ғайриммоддӣ	19	(8,020)	(849)
Дивидендҳои гирифташуда		-	83
(Хориҷшавии) софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ:		(33,512)	(7,540)
ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ АЗ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ			
Пардохтҳо аз руи уҳдадориҳои иҷоравӣ	20	(8,413)	(8,164)
Пардохти дивидендҳо	27	(4,500)	(5,432)
Воридот аз руи маблағҳои қарзӣ, нетто		38,116	169,300
Афзоиши софи воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ		25,203	155,704
Таъсири тағйирёбии қурби асъори хориҷӣ ба воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо		(9,800)	(9,500)
АФЗОИШИ СОФИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО		103,779	40,384
ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО, дар аввали сол	12,13	184,231	153,347
ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛҲОИ ОНҲО, дар охири сол	12,13	278,210	184,231

Аз номи роҳбарияти Ташкилот:

Джорджио Парола
и. в. Раиси Раёсат

31 марти соли 2026
ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хайруллоев Фирдавс
и.в. Директори молиявӣ

31 марти соли 2026
ш. Худжанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тавзеҳоти дар саҳифаҳои 13-70 овардашуда қисми ҷудонопазири ҳисоботи молиявии мазкур мебошанд. Ҳисоботи аудиторони мустақил дар саҳифаҳои 4-7 оварда шудааст.

1. ИТТИЛООТИ УМУМӢ

Ташкилот ва амалиётҳо

Ҷамъияти саҳҳомии пӯшидаи Бонк “Имон Интернешнл” (дар оянда «Ташкилот ») дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сопи 2008 ба кайд гирифта шудааст. Фаъолияти Ташкилот аз тарафи Бонки МиллииТоҷикистон батанзим дароварда мешавад (минбаъд – «БМТ»). Ташкилот аз тарафи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 июли соли 2008 таҳти № 001-4773 «А» ба сифати Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи ташкилоти амонатии қарзии хурд «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» бақайд гирифта шуд. Соли 2012 Ташкилот дар шӯъбаи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ назди Кумитаи Андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 декабри соли 2012 ба сифати Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи ташкилоти амонатии қарзии хурд «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» азсари нав таъсис ва бақайд гирифта шуд. 22 декабри соли 2025 Ҷамъият аз Бонки миллии Тоҷикистон иҷозатномаи бонкии таҳти рақами 0000357-ро дарёфт намуд.

Фаъолияти асосии Ташкилот пешниҳоди қарзҳои хурд ба шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ ва қабули амонатҳо мебошад.

Ташкилот бо суроғаи мазкур бақайгирифташуда ва ҷойгир аст: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Худжанд, мкр. 17, хонаи 2. Саридораи Ташкилот дар ш. Хуҷанд ҷойгир аст. Дар ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 Ташкилот дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои 27 филиалҳо мебошад.

Дар санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024, шумораи кормандони Ташкилот 1,463 ва 1,563 нафарро мутобиқан ташкил дод.

Ба таърихи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 ҳайати саҳмдорони Ташкилот чунин буд:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Фонди секюритизационнии «Alternative»	52,63%	52,63%
Бонки Аврупоии тақдид ва рушд (БАТР)	17,92%	17,92%
Бонки рушди Шоҳигарии Нидерландия	17,92%	17,92%
Ассотсиатсияи менонитии рушди иқтисод (MEDA)	8,73%	8,73%
Шарипова Санавбар Маруфовна	1.35%	1.35%
Махкамова Гулбахор Махсудовна	1.35%	1.35%
Ассотсиатсияи Миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон	0.10%	0.10%
	100%	100.00%

Дар моҳи сентябри соли 2024 Фонди секюритизационнии «Alternative» саҳмияи ҶСШК "Pettelaar Effectenbewaarbedrijf N.V"-ро пурра харидорӣ намуда, бо ин васила ҳиссаи сармояи оинномавии ширкатро аз 42,66% то 52,63% афзоиш дод.

Ҳисоботи молиявии Ташкилот аз тарафи Роҳбарияти Ташкилот дар санаи 28 марти соли 2025 тасдиқ шудааст.

2. ПРИНСИПҲОИ ПЕШНИҲОДКУНИИ ҲИСОБОТ

Принсипҳои асосии баҳисобгирии муҳосибӣ

Ҳисоботи мазкури молиявии Ташкилот мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд СБҲМ), ки аз ҷониби Кумитаи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ва тибқи Тавзеҳот, ки аз ҷониби Кумита оид ба шарҳи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ интишор гардидаанд, таҳия карда шудааст.

Асъори функционалӣ ва асъор барои пешниҳодкунӣ

Моддаҳое, ки ба ҳисоботи молиявии Ташкилот ворид карда шудаанд, бо истифода аз асъоре баҳогузорӣ карда мешаванд, ки онҳо моҳияти иқтисодии вазъу ҳолатҳои марбут ба Ташкилоти мазкурро аз ҳама беҳтар инъикос мекунанд (минбаъд- «асъори функционалӣ»). Сомонии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- «сомонӣ») асъори функционалӣ ва асъор барои пешниҳодкунии ҳисоботи молиявии мазкур маҳсуб мегардад.

Ҳисоботи молиявии мазкур бо ҳазор сомонӣ пешниҳод шудааст, агар муқаррароти дигар набошад. Ҳисоботи мазкури молиявӣ дар асоси принсипи арзиши таърихӣ таҳия гардидааст, ба истиснои баҳогузории воситаҳои алоҳидаи молиявӣ, ки аз рӯи арзиши одилона ба ҳисоб гирифта шудаанд.

3. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ

Эътироф ва баҳодиҳии воситаҳои молиявӣ

Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои молиявӣ дар ҳисобот оиди вазъи молиявии Ташкилот дар сурате инъикос меёбанд, ки агар Ташкилот аз рӯи шартнома нисбати воситаи марбутаи молиявӣ ҳамчун тараф баромад намояд. Ташкилот хариду фурӯши дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳоро, ки хусусияти муттасилӣ доранд, аз рӯи санаи ҳисобикунӣ инъикос менамояд.

Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявӣ дар ибтидо аз рӯи арзиши одилона инъикос карда мешаванд. Арзиши ибтидоии дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳое, ки онҳо дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои тавассути фоида ё зарар аз рӯи арзиши одилона баҳисобгирифташаванда нестанд, дар доираи маблағи хароҷоти амалиётӣ, ки бевосита бо харидорӣ ё таъсис додани дороии молиявӣ ва ё интишори ӯҳдадории молиявӣ вобастаанд, таҳрир карда мешаванд. Принсипҳои баҳогузории минбаъдаи арзиши дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳо дар муқаррароти марбутаи сиёсати баҳисобгирӣ, ки дар поён пешниҳод мегарданд, шарҳ дода мешаванд.

Ташкилот дороиҳои молиявии худро ба категорияҳои асосии зерин тасниф кардааст:

- Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода мешавад;
- Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути дигар даромади муштарак (ДДМ) баҳо дода мешавад;
- Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад

Воситаҳои қарзӣ

Тасниф ва баҳисобгирии минбаъдаи воситаҳои қарзӣ вобаста аст аз:

а) Бизнес-модели Ташклот, ки ҳангоми идораи воситаҳои қарзӣ истифода мебарад;
б) Хислати дороии молиявӣ, ки ба гардиши воситаҳои пулӣ тибқи шартнома пайваст аст;

Бизнес-модел

Бизнес-модел воситаеро муайян мекунад ки Ташкилот тавассути он дороиҳои молиявии худро барои ташкили воридоти воситаҳои пулӣ идора менамояд. Бизнес-модели истифодашуда, воридоти воситаҳои пулӣ дар натиҷаи қабули воситаҳои пулӣ дар асоси шартнома ё фуруши дороиҳои молиявӣ, ва ё дар натиҷаи ҳардуи амалиёт ба вуҷуд меоянд, муайян менамояд.

Ташкилот дар давоми фаъолият метавонад моделҳои гуногуни идоракунии дороиҳои молиявиро истифода барад. Тибқи стратегияи тараққиёти Ташкилот ва маҳдудияти механизмҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешбинӣ мешавад, ки қисми зиёди дороиҳои молиявӣ дар чаҳорчубаи модели воридшавии воситаҳои пулии шартномавӣ нигоҳ дошта мешаванд

Шарти SPPI

Бо мақсади баҳодиҳии шартҳои дороии молиявӣ Ташкилот барои ҳар як дороии молиявӣ SPPI тест мегузаронад (минбаъд “тест SPPI”). Дар раванди гузаронидани ин баҳодиҳӣ Ташкилот мутобиқати воридшавии воситаҳои пулии шартномавӣ бо механизми асосии карздиҳиро, яъне фоизҳо танҳо арзишҳои муваққатии пул, хавфи қарзӣ, дигар хавфҳо ва фоидаҳои шартномаи

асосии қарзро дар бар мегиранд, ба ҳисоб мегирад. Дар ҳолатҳои шартҳои шартномавӣ хавф ва ноустуворӣ, ки ба механизми асосии қарздиҳӣ мутобиқ дар бар мегиранд, дорои молиявӣ ҳамчун бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо додашаванда тасниф карда мешаванд.

Дар асоси ин омил Ташкилот воситаҳои қарзии худро ба се категорияи минбаъда тақсим мекунад:

Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода мешавад:

а) Дороиҳои молиявӣ, ки дар раванди бизнес модел нигоҳ дошта мешавад, ба мақсади нигоҳ доштани дороиҳо барои ворид намудани воситаҳои пулии дар шартнома мебошад пешбинишуда бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода мешавад.

б) Шартҳои шартномавии дороии молиявӣ дар муҳлати муайяншуда ворид шудани воситаҳои пулиро, ки асосан пардохти маблағи қарзи асосӣ ва фоиз аз қисми пардохт нашудаи қарзи асосӣ мебошанд, таъмин менамоянд.

Арзиши тавозунии ин дороиҳо вобаста ба зарарҳои қарзии пешбинишуда тасҳеҳ карда мешавад. Даромадҳои фоизӣ аз ин дороиҳои молиявӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ ба “Даромадҳои фоизӣ” ҳамроҳ карда мешавад

Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути дигар даромади муштарак (ДДМ) баҳо дода мешавад:

а) Дорои дар раванди бизнес-модел, идоракунии дороиҳо бо мақсади ворид шудани воситаҳои пулии пешбинишуда дар асоси шартнома ва инчунин бо мақсади фуруши ин дороиҳои молиявӣ нигоҳ дошта мешавад.

б) Шартҳои шартномавии дороии молиявӣ дар муҳлати муайяншуда ворид шудани воситаҳои пулиро, ки асосан пардохти маблағи қарзи асосӣ ва фоиз аз қисми пардохт нашудаи қарзи асосӣ мебошанд, таъмин менамоянд.

Тағйирёбии арзиши тавозуни дар таркиби дигар даромадҳои муштарак эътироф карда мешавад. Эътирофи зарарҳои қарзии пешбинишуда, даромадҳои фоизӣ ва тағйирёбии арзиши асъори хориҷӣ дар таркиби фоида ва зарар мешавад. Вақти аз эътибор соқит намубани дорой, фоида ва зарари маҷмӯӣ дар дигар дороиҳои муштарак эътирофшуда ба фоида в зарар тасниф карда мешавад. Даромадҳои фоизӣ аз ин дороиҳои молиявӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ ба “Даромадҳои фоизӣ” ҳамроҳ карда мешавад.

Дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад:

Ташкилот дороиҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад ҳамон дороиҳои молиявиеро ворид мекунад, ки ба шартҳои ки бо арзиши истеҳлокӣ баҳо дода шаванда ва бо арзиши одилона тавассути дигар даромади муштарак (ДДМ) баҳо дода шаванда мутобиқ нест. Фоида ва зарари сармоягузории қарзӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешаванд ва ба таркиби воситаҳои хеджкунонӣ дохил намешаванд дар ҳисобот оиди фоида ва зарар ҳамчун “Даромадҳои софи тиҷоратӣ” дар ҳамон даврае, ки пайдо шуданд инъикос менамояд. Даромадҳои фоизӣ аз ин дороиҳои молиявӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ ба “Даромадҳои фоизӣ” ҳамроҳ карда мешавад.

Ҳангоми эътирофи аввалияи дороии молиявӣ Ташкилот метавонад бо хоҳиши худ, бе ҳуқуқи аз нав таснифкунӣ, ҳамчун бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо додашаванда тасниф кунад, агар ин барои бартараф ё куллан кам намудани пайдарҳам набудани муносибат ба баҳодиҳӣ ва эътирофи дороиҳои молиявӣ, ки минбаъд аз якчанд асосҳои баҳодиҳии дорой ё ӯҳдадорӣ инчунин фоида ва зарари бо он вобаста ба вуҷуд меомад.

Дороиҳои молиявии ба ягон категория муайян нашуда ба категорияи дороиҳое, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳо дода мешавад, ворид карда мешавад.

Воситаҳои саҳомӣ

Ташкилот сармоягузориҳо ба воситаҳои саҳомиро бо арзиши одилона арзёбӣ мекунад, ки тағйироти он дар фоида ё зарар ба инобат гирифта мешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки роҳбарияти Ташкилот дар эътирофи аввалин сармоягузориҳо дар таркиби арзиши одилона тавассути дигар даромадҳои муштарак ҳисоб карда шавад.

Вобаста ба маҳдудияти механизмҳои бозорӣ барои савдои коғазҳои арзишноки ҳиссавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати Ташкилот аз таснифи инструментҳои ҳиссавӣ ҳамчун маҷмӯи дигар даромадҳои арзишҳои одилона арзёбишуда, вақте инвеститсияҳо барои мақсадҳои ғайри гирифтани даромади инвеститсионӣ нигоҳ дошташуда иборат мебошанд, ба эътибор гирифта мешаванд. Дар ин ҳолатҳо тағйирёбии арзиши одилона дар таркиби дигар маҷмӯи даромадҳо минбаъд наметавонанд ба даромад ё зарар реклассификатсия шаванд. Ҳақусаҳмҳо аз чунин маблағгузорӣ дар таркиби даромад ё зарар эътиборнокии худро давом медиҳанд.

Фоида ё зарар аз сармоягузориҳо, ки бо дар назардошти арзиши одилона аз рӯи фоида ё зарар муайян шудаанд, дар дохили “Даромади софи тиҷоратӣ” дар ҳисобот оид ба фоида ва зарар сабт мешаванд.

Азнавгурӯҳбандӣ

Ташкилот дороиҳои молиявиро танҳо ва танҳо ҳангоми ба бизнес-модели барои идоракунии дороиҳои молиявӣ истифодашаванда, ки ба дороиҳои мазкур таъсир мерасонанд, тағйирот ворид намудан, ва агар ин тағйирот нисбат ба амалиётҳои Ташкилот назаррас бошад, азнавгурӯҳбандӣ карда мешавад. Агар Ташкилот дороиҳои молиявиро азнавгурӯҳбандӣ кунад, азнавгурӯҳбандӣ дурнамоёна аз рӯзи азнавгурӯҳбандӣ амалӣ мешавад. Ташкилот фоида, зарар ё фоизҳои пеш эътироф намудаашро аз нав ҳисоб намекунад.

Қатъ кардани эътирофкунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявӣ

Нишон додани дороии молиявӣ (ё, агар имконпазир бошад, қисми дороии молиявӣ ё қисми гурӯҳи дороиҳои молиявӣ) вақте қатъ мешавад, ки:

- Амалкунии ҳуқуқи аз дорой гирифтани воситаҳои пулӣ қатъ шуд;
- Ташкилот ҳуқуқи аз дороиҳо гирифтани воситаҳои пулиро ба интиқол дод ё ҳуқуқи аз дорой гирифтани воситаҳои пулиро ба худ гузошт вале барои бе таъхири назарраси шахси сеюм аз руи созишномаи “гузариш” пардохт кардани онҳоро ба ӯҳда гирифт; ва
- Ташкилот ё (а) амалан ҳамаи хавфҳо ва даромадҳои дороиро интиқол дод, ё (б) интиқол надод, амалан ҳамаи хавфҳо ва даромадҳои дороиро дар худ нигоҳ надошт, вале назорати дороиро интиқол дод.

Тағйир додани гардиши пулии дар шартнома пешбинишуда

Дар ҳолатҳое ки Ташкилот гардиши пулии дар шартнома пешбинишудаи дороиҳои молиявиро азнав дида мебарояд ё тағйир додани мешавад, Ташкилот то чи андоза назаррас будани тағйирот нисбати шартҳои пештараро баҳо медиҳад.

Агар шартҳо фарқияти назаррас дошта бошанд, Ташкилот эътирофи дороии молиявии пештараро қатъ карда дороии молиявии навро бо баҳодиҳии одилона эътироф менамояд ва барои дороии молиявӣ меъёри фоизи самаранокро аз нав ҳисоб менамояд. Сана ҳангоми дубора дида баромадани беқурбашивӣ санаи азнавдидабароии шартҳо ба шумор меравад, аз ҷумла бо мақсади муайян намудани он, ки баландшавии назарраси хавфи қарзиро дорост ё не. Аммо Ташкилот инчунин оё дороии молиявии эътирофшуда аз аввал беқурбшуда ҳисобида шуданашонро баҳо медиҳад, махсусан дар ҳолатҳое, ки азнавдидабарой бо он асоснок карда шуда буд, ки мизоҷ пардохти аз аввал маслиҳат кардашударо пардохт карда натавонист. Фарқияти арзиши тавозунии дороиҳои молиявӣ дар ҳисобот оиди фоида ва зарар нишон дода мешаванд.

Агар шартҳо тағйироти назаррас надошта бошанд, азнавдидан ё тағйирот ба беэътиборӣ оварда намерасонад, Ташкилот меъёри фоизи самаранокро аз рӯи тағйирот ҳисоб менамояд, таъсирот ба даромади фоизӣ ҳамроҳ эътироф карда мешавад.

Агар тағйирот мувофиқи методологияи ҳисоби зарари пулии пешбинишаванда ба баландшавии назарраси хавф оварда расонад, таъсироти тағйироти шартнома ба ҳисоб кардани беқурбшавӣ, мувофиқи методоголия таъсир мерасонад.

Гуруҳбандӣ ва баҳисобгирии минбаъдаи ӯҳдадориҳои молиявӣ

Ташкилот ҳамаи ӯҳдадориҳои молиявиро ҳамчун бо пайгирии нархи истеҳлокӣ баҳододашаванда гурӯҳбандӣ карда менамояд, ба истиснои:

а) ӯҳдадории молиявии бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар баҳододашаванда;
Чунин ӯҳдадорӣ, бо ӯҳдадории воситаҳои маҳсулӣ буданашон, минбаъд бо арзиши одилони баҳо дода мешаванд;

б) ӯҳдадориҳои молиявие, ки дар ҳолате пайдо мешаванд, ки интиқоли дороии молиявӣ барои қатъ кардани эътирофкунӣ ё вақте ки омилҳои баҳисобгирии иштироки давомдор истифода мешавад, ба талаботҳо ҷавобгӯ нестанд;

в) шартномаи кафолати молиявӣ ва ӯҳдадориҳои пешниҳоди қарз бо меъёри фоизӣ аз меъёри бозорӣ паст бошад. Баъди эътирофи аввал чунин шартномаҳо бояд минбаъд аз бузургии зиёдтарини зерин баҳо дода шаванд:
i. маблағи ташкил намудаи захираҳои Ташкилот бо зарар баҳододашуда;
ii. маблағи аз аввал эътирофшуда бо тарҳи маблағи умумии даромад, агар ҷой дошта бошад;

г) ҷуброни шартӣ, ҳангоми якҷоя кардани тиҷорат эътироф кардани харидор. Ин шарти ҷуброн намудан минбаъд бо арзиши одилона баҳо дода шуда, тағйироти он дар фоида ва зарар эътироф карда мешаванд;

Ҳангоми эътирофи аввалини ӯҳдадории молиявӣ Ташкилот метавонад бо хоҳиши худ бе ҳуқуқи баъдан азнавгуруҳбандӣ кардан, ҳамчун бо арзиши одилона баҳодиҳӣ тавассути фоида ва зарар гуруҳбандӣ кунанд.

Ҳисоббаробаркунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳои тарафайн

Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявии Ташкилот ҳисоббаробаркунии тарафайн мешавад ва дар ҳисобот оид ба ҳолати молиявӣ дар ҳолате дар шакли пӯшида нишон дода мешаванд, ки агар барои ин асосҳои ҳуқуқӣ ва тарафҳо оид ба идоракунии холис (нетто) – асос ё дар як вақт фурухтан ва иҷрои ӯҳдадориро ният дошта бошанд.

Аз эътибор соқит кардани ӯҳдадориҳои молиявӣ

Ӯҳдадории молиявӣ (ё қисми он) дар ҳисоббаробаркунӣ ва ҳисоботҳои молиявӣ аз эътибор соқит карда мешавад, ки агар:

(а) маблағи ҷавобгӯ ба кредитор баргардонида мешавад, умуман бо пули нақд, дигар дороиҳои молияви, молҳо ё хизматрасонӣ,
(б) қарздор аз масъулаияти аввалаи худ нисбат ба ӯҳдадории молиявӣ озод мешавад, ҳамчун натиҷаи расмиёти ҳуқуқӣ ё натиҷаи қарори кредитор.

Шартҳо назаррас тағйирёфта ҳисоб мешаванд, агар арзиши ҷории холиси гардиши воситаҳои пулӣ дар шартҳои нави маблағгузорӣ бо истифодаи меъёри самараноки фоизи аввала (яъне бо воситаи аввалаи қарзӣ) ба ҳисоб гирифташуда аз 10 фоизи арзиши ҷории холиси пардохтҳои боқимонда бо воситаи қарзии аввала мувофиқи шартҳои пештар амалкунанда кам набошад.

Баҳисобгирии воситаҳои молиявӣ дар давраи муқоисавии пешниҳодшуда.

Дороиҳои молиявӣ ба категорияҳои зерин ҷудо мешаванд: бо арзиши одилона тавассути фоида ва зарар (“АОТФЗ”); то пардохткунӣ нигоҳдошташаванда (“ТПН”); дар ҳолати барои фурӯш мавҷудбуда (“ҲБФМ”); инчунин қарзҳо ва қарздории дебиторӣ. Мансуб донистани дороиҳои молиявӣ ба ин ё он синф аз хусусиятҳо ва мақсади харидорӣ ва дар ҳолати баҳисобгирии онҳо ба амал меояд.

Сармоягузориҳои то пардохткунӣ нигоҳдошташаванда. Дороиҳои молиявии ғайримаҳсулӣ бо пардохти устувор ё пардохтҳои муайяншаванда ва муҳлати устувори пардохт, ки Ташкилот ният дорад ё имконият дорад, ки то пардохткунӣ нигоҳ дорад, дороиҳои молиявии ТПН эътироф карда мешаванд. Саромоягузориҳои то пардохткунӣ нигоҳдошташаванда, тавассути арзиши истеҳлокӣ бо истифодабарии методи меъёри фоизи самаранок бо тарҳи захираҳо барои беқурбшавӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Агар Ташкилот сармоягузории то пардохт нигоҳ дошташударо аз маблағи назарнорас зиёд то муҳлати пардохт фурӯшад ё азнавгурӯҳбандӣ кунад (ба ғайри ҳолатҳои алоҳида), ҳамаи категория бояд ба таркиби дороии молиявии барои фуруш мавҷудбуда интиқол дода шаванд. Ғайр аз ин, Ташкилот гуруҳбандии дороиҳои молиявӣ ҳамчун нигоҳдорӣ то пардохт дар давоми соли молиявии ҷорӣ ва ду соли пайдарҳам манъ мекунад.

Қарзҳо ва қарздории дебиторӣ. Қарзи дебитории тиҷоратӣ, қарзҳои додашуда ва дигар қарздории дебиторӣ бо пардохти устувор ва муайяншаванда, ки дар бозори ташкилшуда муомилот намекунанд, воситаҳо дар бонкҳо, қарзҳои ба мизоҷон додашуда, ва дигар дороиҳои молиявӣ, ҳамчун “қарзҳо ва қарздории дебиторӣ” гурӯҳбандӣ карда мешаванд. Қарзҳо ва қарздории дебиторӣ бо арзиши истеҳлокӣ бо истифодаи методи меъёри фоизи самаранок бо тарҳи беқурбшавӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Даромади фоизӣ бо роҳи истифодаи меъёри фоизи самаранокро ба истиснои қарздории дебитории кӯтоҳмуддат, даромади фоизии назаррас набуда эътироф карда мешаванд.

Арзиши одилона тавассути фоида ё зарар, дороиҳои молиявиро дар бар мегирад, ки:

1. Ҳамчун тиҷоратӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

- дороиҳо ё ӯҳдадориҳо асосан бо мақсади фурӯш ё дар ояндаи наздик аз нав харидан қабул карда шудаанд;
- қисмати сандуқи воситаҳои молиявӣ ба ҳисоб мераванд, ки якҷоя идора карда мешаванд ва бо шаҳодатномаи дошташуда, барои гирифтани даромади кӯтоҳмуддат истифода бурда мешуданд;
- воситаи молиявии маҳсулӣ ба шумор меравад (ба ғайр аз воситаҳои хеҷеркунонии самаранок).

2. Аз тарафи Ташкилот ҳамчун восита, дар лаҳзаи эътирофи аввал, ва минбаъд бо арзиши одилона бо дохил намудани тағйироти он ба фоида ва зарар гурӯҳбандӣ карда мешавад.

Дар ҳолати барои фурӯш мавҷудбуда. Барои фурӯш омода буда дороиҳои молиявие ғайриистеҳсолӣ дохил мешаванд, ки ба се гурӯҳи пешниҳодшуда дохил намешаванд. Баҳодиҳии минбаъдаи ин дороиҳо бо арзиши одилона, ба истиснои коғазҳои қимматноки саҳомии (саҳмияҳо) шахсони сеюм ки дар бозори дороиҳо қурб надоранд ва танҳо бо арзиши аслиашон баҳо дода мешаванд, амалӣ карда мешаванд.

Баҳисобгирии *ӯҳдадориҳои молиявӣ* бо баҳисобгирии СБҲМ (IFRS) 9 монанд аст, ба истиснои баҳисобгирии фоида ва зарароре ки дар натиҷаи хавфи қарзии худи Ташкилот, ки бо ӯҳдадориҳо алоқаманд, ва ҳамчун АОТФЗ нишон дода шудааст. Чунин тағйиротҳо дар ДДМ бе азнавгуруҳбандӣ ба ҳисобот оид ба фоида ва зарар нишон дода мешаванд.

Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо

Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо воситаҳои пулии хазина, воситаҳои дар бонкҳо буда ва сармоягузориҳои бозоргири кутоҳмуддатро дар бар мегиранд, ки онҳо дар муддати кӯтоҳ озодона дар ҳаҷми марбута ба воситаҳои пулии нақд табдил дода мешаванд.

Воситаҳо дар бонкҳо

Дар рафти фаъолияти оддии худ Ташкилот дар бонкҳо ба мӯҳлатҳои гуногун воситаҳо ҷойгир мекунад ва амонатҳо мегузорад. Воситаҳо дар бонкҳо дар ибтидо аз рӯи арзиши одилона эътироф карда мешаванд. Воситаҳо дар бонкхо минбаъд дар асоси усули самараноки меъёри фоизӣ аз рӯи арзиши истеҳлокӣ баҳогузорӣ карда мешаванд. Воситаҳо дар сохторҳои қарзӣ бо назардошти аз ҳисоб баровардани ҳар гуна захира нисбати беқурбшавӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Воситаҳои маҳсулии молиявӣ

Дар рафти фаъолияти оддӣ Ташкилот вобаста ба воситаҳои маҳсулии молиявӣ, аз ҷумла қарзҳои кафолатӣ созишномаҳо ба имзо мерасонад. Воситаҳои маҳсулии молиявӣ дар ибтидо ба санаи бастани қарордод вобаста ба воситаи маҳсулӣ аз рӯи арзиши одилона эътироф карда шуда, минбаъд то арзиши одилонаи онҳо барои ҳар як санаи ҳисоботӣ аз нав баҳогузорӣ карда мешаванд. Арзиши одилона дар асоси нархҳои бозорӣ ё тамсилаҳои нархгузорие баҳогузорӣ карда мешавад, ки онҳо нархҳои ҷории бозорӣ ва нархҳои қарордодиеро, ки асоси воситаҳоро ташаккул медиҳанд, ба ҳисоб мегиранд. Агар арзиши одилонаи воситаҳои маҳсулӣ мусбат бошад, онҳо ҳамчун дороиҳо ва агар манфӣ бошад, ба сифати ӯҳдадориҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд. Воситаҳои маҳсулӣ дар тавозун ба қатори дороиҳои молиявӣ ворид карда мешаванд ва ӯҳдадориҳое, ки аз рӯи арзиши одилона инъикос мегарданд, тавассути фоида ё зарар ба ҳисоб гирифта мешаванд. Фоидаву зараре, ки вобаста ба воситаҳои мазкур ба миён меоянд, дар моддаи фоидаҳо/зарарҳои соф аз дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳое, ки аз рӯи арзиши одилона тавассути фоида ё зарарҳо инъикос меёбанд, инъикос карда мешаванд.

Қарзҳои ба мизоҷон додашуда

Қарзҳои ба мизоҷон додашуда дороиҳои молиявие мебошанд, ки онҳо воситаҳои маҳсулии молиявии дорои ҷараёни пулии устувор ё муайяншаванда, ки нархгузориҳои бозорӣ надоранд, маҳсуб намегарданд, ба истиснои дороиҳое, ки ба категорияҳои дигари воситаҳои молиявӣ тасниф карда мешаванд.

Қарзҳое, ки Ташкилот пешниҳод мекунад, дар баҳисобгирӣ нахуст аз рӯи арзиши одилонае инъикос мегарданд, ки ба он хароҷоти амалиётии бевосита бо харидорӣ ё таъсиси чунин дороиҳои молиявӣ вобастабуда зам карда мешаванд. Дар сурате, ки агар арзиши одилонаи воситаҳои пешниҳодгардида баробари арзиши одилонаи қарз набошад (масалан, дар ҳолати пешниҳодкунии қарз аз рӯи меъёре, ки аз меъёри бозорӣ пасттар аст), фарқияти байни арзиши одилонаи воситаҳои пешниҳодгардида ва арзиши одилонаи қарз дар рафти эътирофи нахустини қарз ҳамчун зарар инъикос карда шуда, дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва даромади муштарак мутобиқи хусусияти ин зарарҳо пешниҳод карда мешавад. Минбаъд қарзҳо аз рӯи арзиши истеҳлокӣ бо истифода аз усули меъёри самараноки фоизӣ инъикос мегарданд. Қарзҳое, ки ба мизоҷон пешниҳод мегарданд, бо тарҳи хароҷоти захираҳо барои беқурбшавӣ инъикос карда мешаванд.

Аз ҳисоб баровардани қарзҳо ва воситаҳо

Дар сурати ғайриимкон будани ситонидани қарзҳои пешниҳодгардида, аз ҷумла бо роҳи ба таъминот табдил додани ситониш, онҳо аз ҳисоби захираҳое, ки барои бекурбшавӣ пешбинӣ шудаанд, аз ҳисоб бароварда мешаванд. Баъди аз ҷониби роҳбарияти Ташкилот ҷиҳати ситонидани маблағҳои ба Ташкилот тааллуқдошта андешидани тамоми чораҳои зарурӣ ва фурӯхтани таъминоти кафолатии нақдӣ қарзҳо ва воситаҳои пешниҳодгардида аз ҳисоб бароварда мешаванд. Ҷуброни минбаъдаи маблағҳои аз ҳисоб баровардашуда дар ҳисобот дар бораи даромади муштараки давраи ҷубронкунӣ ҳамчун камшавии хароҷотҳои ба бекурбшавии дороиҳои молиявӣ вобастабуда инъикос карда мешавад.

Захира оиди бекурбшавӣ

Ташкилот захираи бекурбшавиро аз рӯи зараҳои кредитии пешбинишударо (минбаъд «ЗКП») тибқи қарзҳои додашуда эътироф мекунад. Ташкилот ин зарарҳоро барои ҳар як санаи ҳисоботӣ бо роҳи арзёбии далелҳои объективӣ оид ба арзонкунӣ эътироф менамояд. Модели арзёбии активҳои молиявии арзонкунӣ арзёбии зарарҳои қарзии дар гумон бударо бо тақсимот ба онҳое, ки дар давоми 12 моҳ пешбинӣ мешаванд ва ба онҳое дар давоми ҳамаи муҳлати амали активҳои молиявӣ гумон меравад, пешбинӣ менамояд.

Модели зарарҳои пешбинишудаи Ташкилот аз рӯи принсипҳои зерин сохта шудааст:

Марҳилаи 1: Зарарҳои қарзии пешбинишуда, ки дар ҳолати бекурбшавии имкондошта дар давоми 12 моҳи санаи ҳисоботӣ пайдо мешаванд;
Марҳилаи 2: Зарарҳои қарзии пешбинишуда, ки ҳангоми бекурбшавии имкондошта дар давоми давраи ҳадди ниҳоии шартномавӣ, ки дар давоми он ба қарздиҳанда таваккали қарзӣ таҳдид мекунад, пайдо мешавад.
Марҳилаи 3: Зарарҳои қарзии пешбинишуда, ки ҳангоми бекурбшавии имкондошта дар давоми давраи ҳадди ниҳоии шартномавӣ пайдо мешавад, дар ин ҳолат даромади фоизӣ аз рӯи миқдори сифатнок ба арзиши тавозун бо нигоҳ доштани захираи ташаккулёфта ба ҳисоб гирифта мешавад.

Арзёбии зарарҳои қарзии пешбинишуда ҳисоби объективиро, ки ба сатҳи болоравии эҳтимолӣ инъикос мекунад, ки он тавассути арзёбии як қатор имкониятҳои натиҷавӣ муайян карда мешавад.

Ташкилот зарарҳои қарзии пешбинишуда аз рӯи инструменти молиявӣ арзёбӣ менамояд, ки он инҳоро инъикос мекунад:

а. маблағи дуруст ва санҷидашуда бо назардошти эҳтимолият, ки бо роҳи арзёбии ҳаҷми натиҷаҳои имкондошта муайян карда шудааст;
б. арзиши муваққатии пул; ва
в. иттилооти асоснок ва тасдиқшуда дар бораи рӯйдодҳои қаблӣ, шароитҳои ҷорӣ ва шароитҳои иқтисодии тахминии минбаъда, ки ба санаи ҳисоботӣ бе хароҷоти аз ҳад зиёд ё кӯшишҳо дастрас мебошанд.

Ташкилот барои зарарҳои қарзии эҳтимолӣ аз рӯи инструментҳои молиявӣ, ки ба категорияи арзёбишаванда аз рӯи арзиши одилона бо инъикоси тағйироти он дар таркиби даромад ва зарарҳо дохил намешаванд, захираи арзонкунӣ таъсис медиҳад, аз ҷумла:

- активҳои молиявӣ, ки инструментҳои қарзӣ мебошанд;
- қарзи дебиторӣ аз рӯи иҷораи (молиявӣ);
- шартномаҳои кафолатии молиявии додашуда; инчунин
- уҳдадориҳои аз рӯи карз додашуда.

Зарарҳо аз арзонкунӣ тибқи маблағгузорӣ дар инструментҳои ҳиссавӣ дар ҳисоббаробаркунӣ инъикос намеёбанд.

Ташкилот захираи арзёбишударо барои зарарҳо дар давоми мӯҳлати зарарҳои қарзии эҳтимолӣ, ба истиснои инструментҳои зерин, ки барои онҳо чунин зарарҳо ҳамчун зарараҳои қарзии пешбинишуда дар давоми 12 моҳ ба ҳисоб гирифта мешаванд, аз ҷумла:

- коғазҳои арзишноки қарзии инвеститсионӣ, ки ҳамчун таваккали ками қарзӣ ба санаи ҳисоботӣ муайян карда мешаванд; ва
- дигар инструментҳои молиявӣ (ғайр аз қарзҳои дебиторӣ), ки аз рӯи онҳо таваккали қарзӣ баъди инъикоси ибтидоии онҳо дар ҳисоббаробаркунӣ ба таври назаррас боло нарафтанд.

Захираи арзёбишуда оид ба зарарҳо барои қарзи дебиторӣ аз рӯи иҷораи (молиявӣ) ҳамеша барои тамоми мӯҳлати эҳтимолии зарарҳои кредитӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ташкилот чунин мешуморад, ки коғази арзишноки қарзӣ таваккали ками қарзӣ дорад, агар рейтинги қарзӣ ба мафҳуми эътирофшудаи байналмилалии «дараҷаи инвеститсионӣ» мувофиқат намояд.

Зарарҳои қарзии пешбинишуда дар давоми 12 моҳ дар худ як қисми зарарҳои қарзии эҳтимолиро таҷассум мекунанд, ки дар натиҷаи бекурбшавӣ аз рӯи инструменти молиявӣ дар давоми 12 моҳи баъди санаи ҳисоботӣ пайдо мешаванд.

Зарарҳои қарзии пешбинишуда дар худ бо назардошти эҳтимолияти арзёбии зарарҳои қарзии мувофиқ инъикос менамоянд. Онҳо ба таври зерин арзёбӣ мешаванд:

- барои активҳои молиявие, ки дар санаи ҳисоботӣ активҳои молиявии арзоншуда намебошанд: ҳамчун арзиши овардашудаи ҳамаи арзишҳои пулие, ки аз рӯи онҳо гирифта нашудаанд (ё худ бақияи анбӯҳи пулҳое, ки гирифтани онҳоро муассиса аз рӯи шартнома пешбинӣ менамояд ва онҳое, ки Ташкилот умеди гирифтан дорад);
- барои активҳои молиявие, ки дар санаи ҳисоботии активҳои қарзӣ арзоншуда мебошанд: ҳамчун бақия байни арзиши умумии тавозунӣ ва арзиши овардашудаи анбӯҳи пулҳои эҳтимолан минбаъд воридшаванда;
- барои уҳдадориҳо аз рӯи пешниҳоди карзҳо: ҳамчун арзиши овардашудаи бақия дар байни анбӯҳи пулҳо, ки шартнома пешбинӣ намуда, дар ҳолати истифодаи уҳдадорӣ оид ба додани карз ва анбӯҳи пулҳо ба Ташкилот тааллуқуқ доранд ва Ташкилот умеди гирифтани онҳоро дорад; инчунин;
- барои шартномаҳои кафолати молиявӣ: ҳамчун пардохтҳои пешбинишуда, ки ба зарардида ҷуброн мешавад, бо нигоҳ доштани ҳама гуна маблағе, ки Ташкилот аз рӯи тартиби ҷарима умеди гирифтани онҳоро дорад.

Тағйирёбии талафотҳои қарзии чашмдошт бо истифодаи ҳисоби захира ба фоида гузаронида мешавад. Дороиҳои дар тавозун инъикос ёфта ба миқдори талафоти қарзии чашмдошт кам карда мешаванд. Омилҳоеро ки Ташкилот ҳангоми таҳқиқи беғаразонаи муайян намудани гувоҳҳои ба вуҷуд омадани талафот аз бекурбшавӣ арзёбӣ менамояд инҳоро дар бар мегиранд: маълумот оиди бозоргирии қарздор ё эмитент, қобилияти қарзсупории онҳо, хавфҳои тиҷоратӣ ва молиявӣ, сатҳ ва тамоюли иҷро нагардидани ӯҳдадориҳо нисбат ба дороиҳои моливии шабеҳ, шароит ва тамоюли иқтисодии пешгувандаи миллӣ ва маҳалӣ, ва инчунин арзиши одилонаи таъминот ва кафолатҳо. Ҳамин ва дигар омилҳо дар алоҳидагӣ ё ҷамъ ба таври васеъ гувоҳҳои беғаразона барои эътирофи талафоти чашмдошти қарзии дорои молиявӣ ё гурӯҳи дороиҳои молиявиро дар бар мегиранд.

Дар Замимаи 33 дар бораи он ки чӣ тавр арзонкунӣ оид ба зарарҳои қарзии пешбинишуда арзёбӣ мешаванд, иттилооти нисбатан муфассал вуҷуд дорад.

Ташкилот арзёбӣ ва ҳисоббаробаркунии захираро оид ба арзонкунии қарзҳо мутобиқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоббаробаркунии молиявӣ (IFRS) 9 «Инструментҳои молиявӣ» мегузаронад. Ҳисоббаробаркунии захира оид ба арзонкунии қарзҳои додашуда мутобиқ ба муносибати СБҲМ аз захирае, ки тибқи талаботи Бонки милии Тоҷикистон (минбаъд «БМТ») ҳисоб карда шудааст, фарқ мекунад.

Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ

Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ бо арзиши таърихӣ, ба истиснои биноҳо ва иншооте, ки бо арзиши азнавбаҳогузорӣ ба ҳисоб гирифта шудаанд, ки дар худ нархи харид, бурда расондан ва тамоми хароҷотҳои барои ба ҳолати амалӣ овардани дороиҳо лозимаро дар бар мегирад бе назардошти истеҳлоки ғуншуда баҳисоб гирифта мешаванд

Амортизатсия аз арзиши балансии воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ бо мақсади аз ҳисоб баровардани дороиҳо дар давоми мӯҳлати истифодаашон ҳисоб карда мешавад. Амортизатсия бо усули рост бо истифода аз меъёрҳои зерин ҳисоб карда мешавад:

Биноҳо ва иншоотҳо	7%
Мебел ва таҷҳизоти офис	10%
Воситаҳои нақлиётӣ	10%
Ободонии моликияти иҷоравӣ	12.5%
Дороиҳои ғайримоддӣ	10%

Ба ҳар санаи ҳисоботӣ Ташкилот месанҷад, ки оё арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ аз арзиши барқароркунии онҳо бештар аст ё не. Арзиши барқароркунӣ нишондиҳандаест, ки аз арзиши одилона бо назардошти нигоҳ доштани хароҷоти барои фурӯш сарфгардида ва арзиши истеъмолӣ калонтар аст.

Ба ҳар санаи ҳисоботӣ Ташкилот месанҷад, ки оё арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ аз арзиши барқароркунии онҳо бештар аст ё не. Арзиши барқароркунӣ нишондиҳандаест, ки аз арзиши одилона бо назардошти нигоҳ доштани хароҷоти барои фурӯш сарфгардида ва арзиши истеъмолӣ калонтар аст. Дар сурати аз арзиши барқороркунии худ афзун гардидани арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ Ташкилот арзиши тавозунии воситаҳои асосиро то ба сатҳи арзиши барқароркунии онҳо кам мекунад. Баъди инъикоскунии зарар аз беқурбшавии ба миён омада, баровардҳои истеҳлокӣ аз рӯи воситаҳои асосӣ дар даврaҳои минбаъда тасҳеҳ карда мешаванд, то ин ки арзиши тавозунии дороиҳо бо назардошти тарҳи арзиши боқимонда (агар он пешбинӣ карда шавад) тариқи баробар дар давоми мӯҳлати боқимондаи истифодабарии муфид тақсим карда шавад.

Иҷора

Ташкилот идораҳоро ба иҷора мегирад. Шартномаҳои иҷора одатан барои мӯҳлати муайян бе имконияти тамдиди мӯҳлат баста мешаванд. Барои шартномае, ки ҷузъи иҷораро дар бар мегирад ё ба иҷора дохил намешавад, Ҷамъият баррасии шартномаро барои ҳар як ҷузъи иҷора дар асоси нархи нисбии амалиёти алоҳидаи қисмати иҷора ва нархи маҷмӯии амалиёти алоҳида барои ҷузъҳои иҷора ва гайри иҷора тақсим мекунад. Шартҳои иҷора дар алоҳидагӣ муҳокима карда мешаванд ва доираи васеи шартҳои гуногунро дар бар мегиранд. Амволи ба иҷора гирифташуда барои мақсадҳои қарз ба сифати гарав истифода шуда наметавонад.

Ӯҳдадориҳои иҷора арзиши софи ҷории пардохтҳои зерини иҷораро дарбар мегиранд:

- пардохтҳои муқарраршуда (аз ҷумла пардохтҳои моҳиятан муқарраршуда), бо назардошти тарҳи дилхоҳ пардохтҳои ҳавасмандкунанда аз рӯи иҷора, барои қабул;
- пардохти тағйирёбандаи иҷора, ки ба индексатсия ё қурбе асос ёфтааст, ки бо истифодаи индексатсия ё қурби ибтидоӣ дар санаи оғоз баҳогузорӣ карда мешавад;
- маблағҳое, ки бояд дар сурати кафолати арзиши боқимонда аз ҷониби Ташкилот пардохт шаванд;
- нархи истифодаи опсияи харид, агар Ташкилот барои истифодаи он интихоби асоснок дошта бошад; ва
- пардохти ҷаримаҳо барои қатъ гардидани иҷора, агар мӯҳлати иҷора ба истифодаи ин опсияи Ташкилот таъсир кунад.

Пардохти иҷора бо истифодаи меъёри фоизие, ки барои иҷора дода шудаанд, кам карда мешаванд. Агар ин меъёрро ба осонӣ муайян кардан имконнопазир бошад, ки он одатан хамчун холати барои ба иҷора гирифтан дар Ташкилот мавҷуд аст, меъёри қарзи иловагии иҷора истифода мешавад, ки иҷорагири инфиродӣ бояд ба иҷорадеҳ барои гирифтани дороии дорои арзиши монанд дар муҳити иқтисодии монанд, бо шартҳо, амният ва шароити монанд пардохт кунад.

Барои муайян кардани меъёри фоизие, ки Ташкилот дар доираи он метавонад воситаҳои қарзиро ҷалб намояд:

- аз рӯи имконият, ҳамчун нуқтаи ибтидоӣ, маблағгузорӣ аз тарафи сеюмро, ки ба наздики гирифта шудааст, бо инъикос намудани тағирот дар шароити маблағгузорӣ аз замони гирифтани маблағгузори аз тарафи сеюм, истофода мебарад;
- усули такмилдиҳиро истифода мебарад, ки аз меъёри фоизи бе хавф оғоз меёбад, ки барои хавфи қарзӣ барои иҷорае, ки дар ихтиёри Ташкилоте, ки сарчашмаи маблағгузорӣ аз тарафи сеюмро надорад, оғоз меёбад; ва
- Тағироти ба ичора хосро, масалан, мӯҳлат, кишвар, асъор ва амният, ворид менамояд.

Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ бо назардошти шартҳои зерин баҳогузорӣ карда мешаванд:

- Ҳаҷми баҳогузории авалияи ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора;
- Пардохтҳои ичоравӣ дар санаи огози ичора ё, ки то ин сана, бо назардошти тарҳи дилхоҳ пардохтҳои ҳаваскунанда аз рӯи иҷора барои қабул;
- Ҳама гуна хароҷоти ибтидоии мустақим; ва
- хароҷоти барқарорсозӣ.

Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ, одатан дар муддати кӯтоҳтарин - мӯҳлати истифодаи дорӣ ва мӯҳлати иҷора ба таври ростхатта истеҳлок мешавад.

Пардохтҳои иҷоравӣ, байни ӯҳдадории асосӣ ва харочоти молиявӣ ҷудо карда мешаванд. Харочоти молиявӣ дар дохили фоида ё зарар, дар давоми давраи иҷора ҳисоб карда мешавад, то барои ҳар давра меъери доимии фоиз барои бақияи боқимондаи ӯҳдадорӣ ба вуҷуд оварда шавад.

Ташкилот ба эҳтимолияти зиёдшавии ояндаи пардохтҳои тағйирёбандаи иҷора дар асоси индекс ё меъёре, ки то ба амал омадан онҳо ба ӯҳдадориҳои иҷора дохил карда намешаванд, дучор мешавад. Ҳангоми ба амал омадани тасҳеҳот ба пардохтҳои иҷора дар асоси индексатсия ё меъёр, ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора баръакси дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ аз нав баҳогузорӣ карда мешаванд.

Пардохтҳои марбут ба иҷораи кӯтоҳмуддати бино, амволи ғайриманқул, таҷҳизот ва тамоми иҷораи дороиҳои камарзиш бо усули ростхата ҳамчун хароҷот дар фоида ё зарар эътироф мешаванд. Иҷораи кӯтоҳмуддат ин иҷора бо мӯҳлати 12 моҳ ё аз он камтар ва эҳтимолияти хеле ками дароз намудани мӯҳлати шартномаи иҷора мебошад.

Даромад аз иҷораи амалиётӣ, ки дар он Ташкилот ҳамчун иҷорадеҳ мебошад, дар такиби даромадхо дар давоми мӯҳлати иҷора эътироф карда мешавад. Хароҷоти ибтидоии назарраси мустақим ҳангоми бастани иҷораи амалиётӣ, ба арзиши тавозунии дороии асосӣ илова карда мешаванд ва ҳамчун хароҷот дар тӯли мӯҳлати иҷора, ҳамон тавре, ки даромад эътироф мешавад, эътироф карда мешаванд. Ба Ташкилот хамчун иҷорадиханда лозим нашуд, ки ба баҳисобгирии дороиҳо дар натиҷаи қабули стандарти нави иҷора, ягон ислоҳ ворид кунад.

Дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд

Ташкилот гаравҳои гирифташударо ҳамчун фурӯшӣ эътироф мекунад, агар арзиши мувозинатии онҳо асосан тавассути фурӯш, на бо роҳи истифодаи минбаъда ҷуброн карда шавад. Ҳамзамон, ин дороиҳо бояд барои фурӯши фаврӣ дар ҳолати ҳозираи худ бо эҳтимолияти фурӯши онҳо дар давоми сол, зеро таснифоти онҳо дар сатҳи баланд воқеъ аст, омода бошанд. Дороиҳое, ки ҳамчун фурӯшӣ нигоҳдошта тасниф карда мешаванд, бо камтарини арзиши мувозинатиашон ва арзиши одилона бо хароҷоти фурӯш чен карда мешаванд. Дар ҳолати зиёд шудани арзиши мувозинатӣ аз арзиши одилона бо хароҷоти фурӯш, Ташкилот зарари беқурбшударо дар ҳисоботи фоида ва зиён эътироф мекунад. Ҳама гуна афзоиши минбаъдаи арзиши одилона, ки хароҷот барои фурӯш бароварда мешавад, дар ҳаҷме эътироф карда мешавад, ки аз маблағи зиёнҳои ҷамъшудаи қаблан эътирофшуда зиёдтар бошад.

Андозбандӣ

Андоз аз фоида маблағи андози ҷорӣ ва андози мавқуфгузоштаро дар бар мегирад.

Андоз аз фоида дар давраи ҷорӣ

Маблағи хароҷот барои андоз аз фоида дар давраи ҷорӣ бо назардошти ҳаҷми фоидаи андозбандишавандае, ки дар давоми сол ба даст оварда шудааст, муайян карда мешавад. Фоидаи андозбандишаванда аз фоидаи софе, ки дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва дигар даромади муштарак инъикос гардидааст, фарқ мекунад, чунки он моддаи даромадҳо ё хароҷотеро, ки барои андозбандӣ ё хароҷот бо мақсади андозбандӣ дар солҳои дигар пешбинӣ шудааст, дар бар намегирад, инчунин моддаҳои андозбандинашавандаи бо мақсади андозбандӣ ба ҳисоб гирифтанашавадаро истисно мекунад. Ҳисобкунии хароҷоти Ташкилот барои андоз аз фоида дар соли ҷорӣ бо истифода аз меъёри андоз, ки дар давоми давраи ҳисоботӣ ворид карда шудааст, ба амал оварда мешавад.

Андоз аз фоидаи мавқуфгузошташуда

Андози мавқуфгузошташуда дар асоси усули баҳисобгирии тавозунӣ инъикос гардида, талабот ё ӯҳдадориҳоро оид ба андоз аз фоида ифода мекунад, ки он дар асоси фарқият байни арзиши тавозунии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо ва маълумотҳои марбутаи баҳисобгирии андозӣ, ки барои ҳисобкунии фоидаи андозбандишаванда истифода мегардад, ҳисоб карда мешавад. Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда одатан дар нисбати тамоми фарқиятҳои замонӣ, ки фоидаи андозибандишавандаро афзун мегардонанд, инъикос меёбанд, талаботҳои мавқуфгузошташудаи андозӣ бошанд, бо назардошти эҳтимолияти дар оянда ба миён омадани фоидаи андозбандишаванда барои ба ҳисоб гирифтани дороиҳои марбутаи андозӣ инъикос карда мешаванд. Чунин талаботу ӯҳдадориҳои андозӣ дар сурате дар ҳисоботи молиявӣ инъикос намегарданд, ки агар фарқиятҳои замонӣ бо обруву эътибори касбӣ вобаста буда, дар натиҷаи эътирофи аввалияи талаботу ӯҳдадориҳои дигар дар чаҳорчӯбаи амалиётҳое, ки ба ҳаҷми фоидаи андозбандишаванда ё муҳосибӣ таъсир намерасонанд, ба миён омада бошанд.

Ӯҳдадориҳои андозии мавқуфгузошташуда бо назардошти фарқиятҳои замонии андозбандишаванда инъикос карда мешаванд, дар ин вақт Ташкилот имконият пайдо мекунад, ки мӯҳлати бозгардонии фарқияти замониро назорат намояд ва эҳтимолияте пайдо мешавад, ки ин фарқияти замонӣ дар ояндаи наздик тағйир намеёбад. Дороиҳои мавқуф гузошташудаи андозие, ки дар натиҷаи бароварди фарқияти замонии бо ҳамин гуна сармоягузориву ҳиссаҳо вобастабуда ба миён меоянд, танҳо дар ҳаҷме, ки фоидаи кифояи андозбандишаванда ба даст омада метавонад, эътироф мегарданд, аз ҳисоби ин фоида имтиёзҳое, ки ба фарқияти замонӣ алоқаманданд, истифода гардида, интизорӣ меравад, ки онҳо дар ояндаи наздик бекор карда мешаванд.

Арзиши тавозунии дороиҳои андозии мавқуфгузошташуда дар ҳар санаи ҳисоботӣ тафтиш карда шуда, дар ҳаҷме, ки имконияти ба даст овардани фоидаро аз талаботи андозӣ, ки барои ҷуброни пурра ё ҷузъии дорой кифоя аст, истисно мекунад, кам карда мешавад.
Андозҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи меъёрҳое, ки тибқи пешбинӣ дар давраи бозпардохти қарз ё фурӯши дорой истифода мегарданд, ҳисоб карда мешаванд. Андозҳои мавқуфгузошташуда, ба истиснои ҳолатҳое, ки бо моддаҳои бевосита ба сармоя тааллуқдошта алоқаманд мебошанд, дар ҳисобот оид ба даромади муштарак инъикос карда мешаванд, дар ин сурат андозҳои мавқуфгузошташуда низ дар таркиби сармоя инъикос карда мешаванд.

Ташкилот баҳисобгирии мутақобилаи талаботҳои мавқуфгузошташудаи андозӣ ва ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташудаи андозиро ба амал оварда, дар ҳисоботи молиявӣ фарқияти натиҷавиро дар сурате инъикос менамояд, ки агар:

- Ташкилот барои ба муқобили ӯҳдадориҳои ҷории андозӣ ба амал овардани баҳисобгирии талаботҳои ҷории андозӣ ҳуқуқи қонунӣ дорад; ва
- талаботҳои мавқуфгузошташудаи андозӣ ва ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташудаи андозӣ ба андоз аз фоида тааллуқ доранд, ки он аз ҷониби ҳамон як мақомоти андозӣ аз ҳамон як субъекти андозбандишаванда ситонида мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти Ташкилот ин ҷо сурат мегирад, талабот бобати ҳисобкунӣ ва пардохти андозҳои гуногун мавҷуд аст, ки онҳо илова ба андоз аз фоида нисбати фаъолияти Ташкилот истифода карда мешаванд.

Қарзҳои гирифташуда

Қарзҳои гирифташуда нахуст дар баҳисобгирӣ аз рӯи арзиши одилона инъикос карда мешаванд. Минбаъд ӯҳдадориҳо аз рӯи ин амалиётҳо аз рӯи арзиши истеҳлокӣ инъикос гардида, фарқияти марбутаи байни арзиши тавозунӣ ва арзиши бозпардохт дар ҳисобот оиди даромади муштарак дар давоми мӯҳлати қарзгирӣ бо истифодаи усули самараноки меъёри фоизӣ дар таркиби хароҷоти фоизӣ инъикос карда мешавад.

Ӯҳдадориҳои шартӣ

Ӯҳдадориҳои шартӣ дар тавозуни муҳосибӣ эътироф намешаванд, вале дар ҳисоботи мазкури молиявӣ шарҳ меёбанд, ба истиснои ҳолатҳое, ки эҳтимолияти беруншавии воситаҳо дар натиҷаи пардохти онҳо кам аст.

Сармояи оиномавӣ

Сармояхои оддии аз руи арзиши ибтидоӣ эътироф карда мешаванд.

Ҳаққуссаҳмҳо ҳамчун камшавии воситаҳои худӣ дар даврае, ки онҳо эълон шуда буданд, инъикос карда мешаванд. Ҳаққуссаҳмҳое, ки пас аз давраи ҳисоботӣ эълон мешаванд, тибқи СБҲМ 10 «Ҳодисаҳо пас аз давраи ҳисоботӣ» ба сифати ҳодиса пас аз давраи ҳисоботӣ баррасӣ карда мешаванд ва маълумот дар бораи онҳо ба таври марбута оварда мешавад.

Захираҳои умумӣ

Ташкилот захира барои амалиётҳои оянда ташкил мекунад, ки он бо роҳи маблағгузории хатмии харсола тибки карори Шурои Нозирон ташкил меёбад. Ин захира барои таъмин намудани зарари Ташкилот дар сурати мавҷуд набудани дигар маблағгхо пешбини шудааст. Қарори истифода намудани фонди захиравии Ташкилот инчунин аз тарафи Шурои Нозирон ҳангоми тасдиқи пешакии ҳисоботи солона қабул карда мешавад.

Захираи мазкур танҳо барои пӯшонидани хароҷоти Ташкилот ва хариди саҳмияҳо дар сурати набудани маблағҳои дигар пешбинӣ шудааст.

Ӯҳдадориҳои нафақавӣ

Мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Ташкилот маблағи пардохтҳои нафақавиро аз музди меҳнати кормандон боздошта, онҳоро ба фонди нафақавии давлатӣ мегузаронад. Низоми мавҷудаи таъминоти нафақавӣ ҳисобу китоби пардохтҳои ҷории кордиҳандаро ҳамчун фоиз аз пардохтҳои ҷории умумӣ ба кормандон пешбинӣ мекунад. Чунин харoҷот дар даврае, ки ба он пардохтҳои марбута ба кормандон тааллук доранд, эътироф карда мешаванд. Ҳангоми ба нафақа баромадан тамоми пардохтҳои нафақавӣ аз ҷониби фонди нафақавии дар боло ишорагардида ба амал оварда мешаванд. Ташкилот ғайр аз иштирок дар низоми давлатии нафақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ягон нақшаи иловагии таъминоти нафақавӣ надорад. Ғайр аз ин, Ташкилот ба кормандон пас аз ба нафақа баромаданашон ягон имтиёз пешниҳод наменамояд ва ё имтиёзи назаррасе, ки пардохти маблағро талаб мекунад, надорад.

Эътирофи даромад ва харoҷотҳои фоизӣ

Тибқи СБҲМ (IFRS), даромади 9 фоизӣ бо истифода аз усули фоизи самарабахши ҳамаи дороиҳои молиявии бо арзиши амортизатсияшуда, ҳосилаҳои воситаҳои молиявие, ки баҳисобгирии хеджиркунӣ нисбати онҳо татбиқ карда мешавад ва таъсири дахлдори баҳисобгирии хеджиркунӣ барои амортизатсия/истифодаи такрорӣ инъикос карда мешавад. Даромади фоизӣ аз рӯи дороиҳои молиявӣ, ки аз рӯи онҳо фоизҳо аз рӯи арзиши одилона тавассути фоида е зиен тибқи СБҲМ (IFRS) 9 ҳисоб карда мешаванд, инчунин бо истифода аз усули фоизи самаранок инъикос карда мешавад. Харoҷоти фоизҳо инчунин бо истифода аз усули самараноки фоизи ҳамаи ӯҳдадориҳои молиявии бо арзиши амортизатсияшуда ҳисоб карда мешаванд. Меъёри самараноки фоиз ин меъёри тахфифи даромадҳои ҳисобшудаи ояндаи пулӣ дар тӯли мӯҳлати пешбинишудаи дороиҳо е ӯҳдадориҳои молиявӣ е дар ҳолати зарурӣ барои муддати кӯтоҳтар то арзиши умумии балансии дороиҳои молиявӣ мебошад.
Даромади камхарҷ (ва аз ин рӯ арзиши амортизатсияшудаи дороиҳои молиявӣ) бо назардошти харoҷоти амалиет ва ҳама гуна тахфифҳо е мукофотҳо ҳангоми хариди дороиҳои молиявӣ, инчунин пардохтҳо ва харoҷотҳо, ки қисми ҷудонашавандаи даромади камхарҷ мебошанд, ҳисоб карда мешавад. Ташкилот даромади фоизиро бо истифода аз меъёри даромаднокӣ эътироф мекунад, ки ин беҳтарин арзебии меъёри доимии даромаднокӣ дар тӯли мӯҳлати пешбинишудаи қарз мебошад. Аз ин рӯ, ҳисоб кардани фоизи самаранок инчунин таъсири фоизҳои эҳтимолан гуногунро, ки метавонанд дар марҳилаҳои гуногуни мӯҳлати пешбинишудаи дороиҳои молиявӣ ситонида шаванд ва дигар хусусиятҳои давраи зиндагии маҳсулот (аз ҷумла пешпардохт, ҷарима ва пардохтҳо) ба назар мегирад.
Агар интизориҳо оид ба гардиши пули нақд аз рӯи дороиҳои молиявӣ е ӯҳдадориҳои фоизи муқарраршуда бо сабабҳои ғайр аз хавфи қарзӣ аз нав дида баромада шаванд, пас тағирот дар ҷараени ояндаи пули нақд, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, бо фоизи ибтидоии самаранок тахфиф карда мешавад ва пас аз он арзиши тавозунӣ ислоҳ карда мешавад. Тафовут байни арзиши қаблии тавозун ҳамчун тасҳеҳи мусбат е манфии арзиши тавозунии дороиҳо е ӯҳдадориҳои молиявӣ дар тавозун бо афзоиш е коҳиши мувофиқи даромад/харoҷоти фоизӣ, ки бо истифода аз усули самараноки фоиз ҳисоб карда шудааст, инъикос карда мешавад.

Барои воситаҳои молиявии дорои фоизи шинокунанда, аз нав баҳодиҳии даврии гардиши пул бо мақсади инъикоси тағиребии меъёрҳои фоизии бозор низ ба тағиребии фоизи самаранок оварда мерасонад, аммо вақте ки асбобҳо дар аввал ба маблағи баробар ба қарзи асосӣ эътироф карда шуданд, аз нав баҳодиҳии пардохтҳои фоизии оянда ба арзиши тавозунии воситаҳои молиявӣ таъсири назаррас намерасонад. дорой е ӯҳдадорӣ.

Тағйиротҳое, ки дар марҳилаи 2 ислоҳоти IBOR ворид карда шудаанд, имкон медиҳанд, ки тағйирот дар асоси муайян кардани ҷараени пули дар шартнома пешбинишуда ҳамчун тағйирот дар меъёри фоизи шинокунанда ҳангоми риояи шартҳои муайян ҳамчун мақсаднокии амалӣ баррасӣ карда шаванд. Шартҳо аз он иборатанд, ки тағирот ҳамчун натиҷаи мустақими ислоҳоти МЕҲНАТӢ заруранд ва гузариш дар асоси аз ҷиҳати иқтисодӣ баробар сурат мегирад.

Даромади фоизӣ ва даромад / харољоти шабеҳ

Даромади софи фоизӣ даромади фоизӣ ва харољоти фоизиро дар бар мегирад, ки бо истифода аз ҳам усули фоизи самаранок ва ҳам усулҳои дигар ҳисоб карда мешаванд. Онҳо дар ҳисоботи даромад ҳам аз рӯи даромади фоизӣ ва ҳам аз рӯи харољоти фоизӣ барои пешниҳоди маълумоти симметрӣ ва муқоисашаванда алоҳида ошкор карда мешаванд.
Дар даромад/харољоти фоизии худ, ки бо истифода аз усули самараноки фоиз ҳисоб карда шудааст, Ташкилот танҳо фоизҳоро аз рӯи воситаҳои молиявии дар боло зикршуда дар бар мегирад.

Дигар даромадҳо/харољоти фоизӣ фоизҳоро аз рӯи ҳосилаҳои воситаҳои молиявии дар муносибатҳои хеджиркунии иқтисодӣ истифодашаванда ва аз рӯи ҳамаи дороиҳо/ӯҳдадориҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона арзебӣ мешаванд, ба истиснои онҳое, ки барои савдо пешбинӣ шудаанд, бо истифода аз фоизи шартномавӣ дар бар мегиранд.
Даромади фоизӣ/харољот аз рӯи тамоми дороиҳо/ӯҳдадориҳои молиявии тиљоратӣ ҳамчун қисми тағйиребии арзиши одилона дар таркиби "даромади Софи тиљоратӣ" сабт карда мешавад.

Ташкилот даромади фоизиро аз рӯи дороиҳои молиявӣ ҳисоб мекунад, ки аз дороиҳои қарзӣ беқурбшуда фарқ мекунанд, бо истифода аз фоизи самаранок ба арзиши умумии тавозунии дороиҳои молиявӣ.

Вақте ки дороии молиявӣ аз ҷиҳати қарзӣ беқурб мешавад ва аз ин рӯ Ҳамчун "Марҳилаи 3" ҳисобида мешавад, Ташкилот даромади фоизиро тавассути истифодаи фоизи самаранок ба арзиши холиси амортизатсияшудаи дороии молиявӣ ҳисоб мекунад. Агар дороии молиявӣ барқарор карда шавад ва дигар қобили қарз набошад, Ташкилот ба ҳисоби даромади фоизӣ дар асоси умумӣ бармегардад.

Эътирофи даромад ва харољоти комиссионӣ

Комиссияҳо барои кушодани суратҳисобҳои қарзӣ, инчунин барои харољоти марбутаи мустақиме, ки бо пешниҳодкунии қарзҳо вобастаанд, ҳамчун тасҳеҳоти меъёри самараноки фоизӣ аз рӯи қарзҳо инъикос карда мешаванд.

Агар эҳтимолияте вуҷуд дошта бошад, ки мавҷудияти ӯҳдадории пешниҳодкунии қарз боиси ба тасвиб расидани шартномаи пешниҳоди қарз мешавад, комиссия барои ӯҳдадории пешниҳодкунии қарз ба таркиби даромадҳои даврањои минбаъда ворид карда шуда (якҷоя бо харољотҳои мустақими марбута), минбаъд ҳамчун тасҳеҳи даромадҳои воқеӣ аз рӯи қарзҳо инъикос карда мешавад. Агар ӯҳдадорӣ оид ба пешниҳодкунии қарз дар сатҳи паст баҳогузорӣ карда шавад, комиссия барои ин ӯҳдадорӣ дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва дигар даромади муштарак дар давоми мухлати боқимондаи амалидошти ӯҳдадории пешниҳоди қарз инъикос карда мешавад. Баъди бе пешниҳоди қарз ба анҷом расидани мӯҳлати амалидошти ухдадории пешниҳодкунии қарз комиссия барои ин ӯҳдадорӣ дар ҳисоботи фоида ё зарар ва даромади муштарак дар санаи анҷомрасии амалидошти он эътироф карда мешавад

Усули азнавҳисобкунии асъори хориҷӣ

Воситаҳои пулӣ ва ӯҳдадориҳои дар асъори хориҷӣ ифодаёфта тибқи қурби марбутаи мубодилавие, ки ба санаи 31 декабр муқаррар карда шудааст, дар сомони аз нав ҳисоб карда мешаванд. Амалиётҳо бо асъори хориҷӣ аз рӯи қурби баҳисобгирӣ, ки дар санаи амалиётгузаронӣ муқаррар шудааст, инъикос карда мешаванд. Даромаду зарарҳое, ки аз чунин ивазкунӣ ба миён меоянд, дар ҳисобот оиди фоида ё зарар ва дигар даромади муштарак ба даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ ворид карда мешаванд.

Қурби мубодилавӣ

Дар поён қурбҳои мубодилавие, ки дар охири сол амал мекарданд ва Ташкилот онҳоро дар рафти таҳияи ҳисобот истифода кардааст, оварда мешаванд:

	31 декабри 2025	31 декабри 2024
Сомонии тоҷикӣ / Доллари ИМА	9.2513	10.9325
Сомонии тоҷикӣ / Евро	10.8916	11.4223
Сомонии тоҷикӣ / Рубли русӣ	0.1181	0.1114

Соҳаи истифодаи назарраси баҳогузорӣ ва фарзияҳои роҳбарият

Омодакунии ҳисоботи молиявӣ аз роҳбарияти Ташкилот талаб мекунад, ки баҳогузориву фарзияҳое таҳия намояд, ки онхо ба маблағи дороиҳову ӯҳдадориҳои Ташкилот, ки дар ҳисобот оварда мешаванд, ба ошкоркунии дороиҳову ӯҳдадориҳои шартӣ дар санаи ҳисоботӣ, инчунин ба маблағи даромаду хароҷот барои давраи ҳисоботӣ, ки дар ҳисобот оварда мешаванд, таъсир расонанд. Роҳбарияти Ташкилот баҳогузориву иҷозаҳоро ба таври доимӣ ба амал меорад ва дар ин ҳангом ба таҷрибаи андӯхтаву омилҳои дигаре, ки истифодаи онҳоро дар шароити ҷорӣ оқилона медонад, такя мекунад. Натиҷаҳои воқеӣ аз ин баҳогузориҳо фарқ карда метавонанд. Барои тасвири вазъи молиявии Ташкилот баҳогузориву фарзияҳои зерин муҳиманд.

Иҷора

Ду соҳаҳои асосии доварӣ дар муайян кардани арзиши миқдори Дороиҳои шакли истифодаи ҳуқуқӣ (ДШИҲ) ва ӯҳдадориҳои иҷоравӣ муайян кардани мӯҳлати иҷора ва меъёри тахфиф мебошанд.

Муайян кардани мӯҳлати иҷора

Интизории Ташкилот дар бораи интихоби қарори тамдиди мӯҳлати иҷора тавассути роҳи арзёбии андозаи эътимод доштани Ташкилот бо қарори тамдид муайян карда мешавад. Ташкилот ба қарори худ оиди тамдиди мӯҳлати иҷора дар ҳолате, ки омилҳо барои ин ҳавасмандии назарраси иқтисодӣ ба вуҷуд меоранд, эътимоди кофӣ хоҳад дошт. Арзёбии мазкур сатҳи назарраси доварро талаб мекунад, зеро он ба интизориҳои ҷории қарорҳои оянда асос ёфтааст. Мӯҳлати иҷора ба ҳисоби ДШИҲ ва ӯҳдадориҳои иҷора таъсир мерасонад; мӯҳлати иҷора ҳар қадар дарозтар бошад, ҳамон қадар ДШИҲ ва ӯҳдадориҳои марбут ба иҷора зиёдтар мешаванд. Тағиротҳо дар муҳити иқтисодӣ метавонанд ба арзёбии мӯҳлати иҷоравии Ташкилот таъсир расонад ва ҳама гуна тағиротҳо дар арзёбии мӯҳлати иҷоравӣ метавонанд ба дороиҳо ва ӯҳдадориҳои Ташкилот тибқи ДШИҲ ва ӯҳдадориҳои иҷора таъсири ҷиддӣ расонад.

Меъёри тахфиф

Дар санаи оғози иҷора, Ташкилот ӯҳдадориҳои иҷораро аз рӯи арзиши ҷории пардохтҳои ояндаи иҷора бо истифода аз ҳисоби пардохтҳои ояндаи иҷора, ки аз фоизи маблағҳои иловагии қарзии Ташкилот тахфиф шудаанд, ҳисоб мекунад. Ташкилот омилҳои васеъро барои муайян кардани меъёр мувофиқи тахфиф баррасӣ мекунад. Ба онҳо хавфи қарзии Ташкилот, мӯҳлати амали шартномаи иҷора, муҳити иқтисодӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ, ки шартномаи иҷора баста мешавад, дохил мешаванд.

Захираҳо аз рӯи беқурбшавии қарзҳо ва ҳисобҳо барои қабул

Ташкилот муттасил қарзҳои додаи худро аз нуқтаи назари беқурбшавӣ тафтиш мекунад. Захираҳои Ташкилот, ки барои зарарҳои қарзӣ пешбинӣ шудаанд, барои эътироф намудани зарарҳое, ки дар ҷузвдони қарзӣ ва қарзҳои дебиторӣ дар натиҷаи беқурбшавӣ ба миён омадаанд, таъсис дода мешаванд. Ташкилот баҳогузориҳои ҳисобиро, ки бо захира барои зарарҳои пешбинишудаи қарзӣ ва қарздории дебиторӣ пешбинишуда вобастаанд, сарчашмаи асосии номуайянии баҳогузориҳо медонад, чунки (i) онҳо ҳамеша дар зери таъсири тағйирот қарор доранд ва сабаби раванди мазкур ба он вобаста аст, ки фарзияҳо бобати нишондиҳандаҳои ӯҳдадориҳои иҷронашуда ва баҳогузории зарарҳои эҳтимолие, ки бо беқурбшавии кредитҳову қарзҳои пасандозӣ вобастаанд, ба натиҷаҳои охирини фаъолият асос меёбанд; ва (ii) ҳар гуна фарқияти назаррас байни зарарҳои баҳододашудаи Ташкилот ва зарарҳои воқеӣ, аз Ташкилот водор месозад захираҳое таъсис диҳад, ки онҳо ба ҳисоботи молиявии он дар даврaҳои минбаъда таъсири назаррас расонида тавонанд.

Ташкилот ақидаи роҳбариятро барои баҳогузории ҳар гуна зарарҳои пешбинишудаи қарзӣ бамиёномада дар сурате истифода мекунад, ки агар қарзгиранда мушкилиҳои молиявӣ дошта бошаду дар нисбати чунин қарзгирандагон маълумотҳои таърихӣ кам вуҷуд дошта бошанд. Ташкилот тағйиротҳоро дар гардиши минбаъдаи воситаҳои пулӣ дар асоси таҷрибаи кории гузашта, рафтори мизоҷон дар давраи гузашта, маълумотҳои мавҷудае, ки тағйироти манфиро дар пардохтпазирии қарздорон дар гурӯҳ нишон медиҳанд, инчунин бо назардошти дигаршавии вазъи иқтисодии миллӣ ё маҳаллӣ, ки боиси иҷро накардани ӯҳдадорихо аз рӯи дороиҳо дар гурӯҳи мазкур мегарданд, баҳогузорӣ менамояд. Роҳбарият баҳогузориро дар асоси таҷрибаи таърихии ташаккули зарарҳое, ки ба дороиҳо бо тавсифоти хатари кредитӣ вобастаанд ва маълумотҳои воқеӣ дар бораи бекурбшавӣ истифода мекунад. Ташкилот баҳогузории роҳбариятро барои тасҳеҳи маълумотҳое, ки вобаста ба гурӯҳи кредитҳо мавҷуданд, бо мақсади инъикоскунии ӯҳдадорихои ҷории дар маълумотҳои таърихӣ инъикоснаёфта истифода мекунад.

Бояд қайд кард, ки арзёбии талафоти қарзии пешбинишуда омили субъективиро дар бар мегирад. Роҳбарияти Ташкилот фикр мекунад, ки маблағи бекурбшавии сабтшуда барои пӯшонидани хароҷот кофӣ мебошад, бо назардошти дороиҳо дар ҳолати хавфнок дар санаи ҳисоботӣ дар асоси маълумоти пешбинишуда, гарчанде ки имконпазир аст, ки дар баъзе давраҳо Ташкилот метавонад зиёне расонад, ки нисбат ба захираи сабтшуда барои хароҷоти қарзии пешбинишуда зиёдтар бошад.

Захираҳо барои бекурбшавии дороиҳои молиявӣ дар ҳисоботи молиявӣ дар асоси шароити ҳозираи иқтисодӣ муайян карда шудаанд. Дар санаи 31 декабри соли 2025 ва 2024, арзиши тавозунии захиравӣ барои зарари бекурбшавӣ мутаносибан 33,144 ҳазор сомони ва 16,209 ҳазор сомониро ташкил дод (Эзоҳи 16).

Ҳисоб кардани арзиши одилонаи коғазҳои қиматноки аз эътибор соқитшуда

Бо сабаби маҳдуд будани механизмҳои бозор ва шумораи амалиёти мушоҳидашуда оид ба хариду фурӯши коғазҳои қиматнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ташкилот усулҳои алтернативии ҳисобкунии арзиши бозории коғазҳои қиматнокро, ки ҳамчун арзиши одилона тавассути дигар даромади ҳамаҷониба ё арзиши одилона тавассути ҳисоботи даромад ва хароҷот истифода мебарад. Ин натиҷаҳои арзёбӣ метавонанд аз арзиши бозории коғазҳои қиматнок, дар сурати мавҷуд будани бозори фаъол ё созишнома бо шахси сеюм, фарқ кунанд.

Истифодаи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявии (СБҲМ) нав ва таҷдидгардида

Бонк стандартҳо ва тафсирҳои нави зерин ё бознигаришшударо, ки аз ҷониби Кумитаи байналмилалии стандартҳои ҳисоботи молиявӣ ва Кумитаи тафсирҳои байналмилалии стандартҳои ҳисоботи молиявӣ (минбаъд – «КИТМСҲМ») нашр шудаанд ва нисбат ба ҳисоботи молиявии солонаи Бонк барои соли анҷомёфтаи 31 декабри соли 2025 эътибор пайдо намудаанд, татбиқ менамояд:

• Набудани қобилияти табдилпазирӣ — Тағйиру иловаҳо ба СБҲМ (IAS) 21 «Таъсири тағйирёбии қурбҳои асъор» — санаи мавриди амал қарор гирифтан аз 1 январи соли 2025.

Тағйиру иловаҳо дастурамалро оид ба арзёбии имконияти табдил додани як асъор ба асъори дигар ва муайян намудани қурби мубодила дар ҳолатҳое, ки асъор озодона табдилпазир нест (бозори мубодила вуҷуд надорад), дар бар мегиранд. Ҳамчунин талаботи нави ифшои маълумот ҷорӣ карда мешаванд, ки ба истифодабарандагон имкон медиҳанд таъсири набудани қобилияти табдилпазириро ба нишондиҳандаҳои молиявӣ ва ҷараёнҳои пулии ташкилот арзёбӣ намоянд.

• Гурӯҳбандӣ ва арзёбии воситаҳои молиявӣ — Тағйиру иловаҳо ба СБҲМ (IFRS) 9 «Воситаҳои молиявӣ» ва СБҲМ (IFRS) 7 «Воситаҳои молиявӣ: ифшои маълумот» — санаи мавриди амал қарор гирифтан аз 1 январи соли 2025.

Тағйиру иловаҳо қоидаҳои гурӯҳбандии дороиҳои молиявиро бо хусусиятҳои ESG (идоракунии экологӣ, иҷтимоӣ ва корпоративӣ) мушаххас менамоянд. Ҳамчунин тавзеҳот оид ба санаи қатъ гардидани эътирофи ӯҳдадориҳои молиявие, ки тавассути низомҳои пардохтҳои электронӣ пардохт мешаванд, пешниҳод гардида, талабот оид ба ифшои маълумот дар бораи чунин воситаҳо васеъ карда мешаванд.

Қабули стандартҳои нав ё бознигаришшуда ба вазъи молиявӣ ё натиҷаҳои фаъолияти Бонк таъсири назаррас нарасонид.

СТАНДАРТҲО БАРОВАРДА ШУДАНД, АММО ҲАНӮЗ ЭЪТИБОР ПАЙДО НАКАРДААНД

Як қатор стандартҳои нав, иловаҳо ба стандартҳо ва тафсирҳо то санаи 31 декабри соли 2025 ҳанӯз мавриди амал қарор нагирифтаанд ва ҳангоми таҳияи ин ҳисоботи молиявӣ татбиқ нашудаанд. Аз ҷумлаи ин навовариҳо, стандартҳо ва тағйиру иловаҳои зерин метавонанд эҳтимолан ба фаъолияти молиявию хоҷагидории Бонк таъсир расонанд. Бонк нияти дорад татбиқи ин стандартҳо ва тағйиру иловаҳоро аз лаҳзаи мавриди амал қарор гирифтани онҳо оғоз намояд. Таҳлили таъсири эҳтимолии стандартҳои нав ба маълумоти ҳисоботи молиявии Бонк ҳанӯз анҷом дода нашудааст.

Дар санаи тасдиқи ин ҳисоботи молиявӣ стандартҳо ва тафсирҳои нави зерин нашр шуда буданд, аммо ҳанӯз мавриди амал қарор нагирифта буданд ва Бонк онҳоро пеш аз муҳлат татбиқ накардааст:

• Тағйиру иловаҳо ба СБҲМ (IFRS) 9 «Воситаҳои молиявӣ» ва СБҲМ (IFRS) 7 «Воситаҳои молиявӣ: ифшои маълумот» (дар моҳи майи соли 2024 нашр шудаанд ва барои даврaҳои ҳисоботии солона, ки аз 1 январи соли 2026 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ мегарданд). Тағйиру иловаҳо тартиби гурӯҳбандии дороиҳои молиявӣ ва қатъ намудани эътирофи ӯҳдадориҳои молиявии пардохтшуда тавассути низоми пардохтҳои электронӣ, инчунин талабот оид ба ифшои маълумот дар бораи сармоягузориҳо ба воситаҳои саҳҳомӣ, ки бо арзиши одилона тавассути даромади маҷмӯии дигар арзёбӣ мешаванд ва воситаҳои молиявӣ бо хусусиятҳои шартӣ мебошанд, мушаххас менамоянд.

• Тағйиру иловаҳо ба СБҲМ (IFRS) 18 «Пешниҳод ва ифшои маълумот дар ҳисоботи молиявӣ» (дар моҳи апрели соли 2024 нашр шудааст ва барои даврaҳои ҳисоботии солона, ки аз 1 январи соли 2027 ё баъд аз он оғоз мешаванд, татбиқ мегардад) СБҲМ (IAS) 1 «Пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ»-ро иваз намуда, талаботи умумиро оид ба пешниҳод ва ифшои маълумот дар ҳисоботи молиявӣ муқаррар менамояд.

• «Такмилҳои солонаи стандартҳои ҳисоботи молиявии СБҲМ — ҷилди 11»:

тағйиру иловаҳо ба СБҲМ (IAS) 7 — «Баҳисобгирӣ бо арзиши ибтидоӣ»;

тағйиру иловаҳо ба СБҲМ (IFRS) 9 — «Қатъ намудани эътирофи ӯҳдадориҳои иҷора»;

тағйиру иловаҳо ба СБҲМ (IFRS) 10 — «Муайян намудани “агенти де-факто”»;

тағйиру иловаҳо ба Роҳнамои татбиқи СБҲМ (IFRS) 7 — «Ифшои маълумот дар бораи фарқи ба таъхиргузошташуда байни арзиши одилона ва нархи муомила»;

тағйиру иловаҳо ба СБҲМ (IFRS) 7 — «Фоида ё зарар ҳангоми қатъ намудани эътироф»;

тағйиру иловаҳо ба СБҲМ (IFRS) 1 — «Баҳисобгирии хеджиронӣ аз ҷониби ташкилоте, ки бори аввал СБҲМ-ро татбиқ менамояд»;

тағйиру иловаҳо ба Роҳнамои татбиқи СБҲМ (IFRS) 7 — «Муқаддима»;

тағйиру иловаҳо ба Роҳнамои татбиқи СБҲМ (IFRS) 7 — «Ифшои маълумот оид ба хавфи қарзӣ»;

тағйиру иловаҳо ба СБҲМ (IFRS) 9 — «Нархи муомила».

Интизор меравад, ки тағйиру иловаҳои мазкур ба ҳисоботи молиявии Бонк таъсири назаррас нахоҳанд расонд.

Ин ислоҳот барои давраҳои ҳисоботии солонае, ки аз 1 январи соли 2025 ё баъд аз он оғоз мешаванд, эътибор пайдо мекунанд ва бояд ба таври бозгашт татбиқ карда шаванд.

Ташкилот дар айни замон таъсири эҳтимолии ин ислоҳотро ба фаъолияти ҷории худ таҳлил мекунад.

4. ДАРОМАДИ СОФИ ФОИЗӢ

Даромадҳо ва хароҷотҳои фоизии Ташкилот барои солҳое, ки 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 анҷом ёфтаанд, тариқи зайл пешниҳод шудаанд:

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст
Даромадҳои фоизӣ аз рӯи дороиҳои молиявие, ки бо арзиши истеҳлокшуда баҳо дода мешаванд:		
Дороиҳои молиявии бекурбнашуда	604,255	506,918
Дороиҳои молиявии бекурбшуда	4,484	3,955
Ҳамагӣ фоизҳои аз рӯи дороиҳои молиявие, ки бо арзиши истеҳлокшуда баҳо дода мешаванд:	608,739	510,873
Фоизҳо аз рӯи сармоягузориҳо дар қоғазҳои қимматнок, ки бо арзиши истеҳлокшуда баҳо дода мешаванд:	200	232
Дигар даромадҳои фоизӣ	201	258
Ҳамагӣ даромадҳои фоизӣ	609,140	511,363
Хароҷотҳои фоизӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои молиявие, ки бо арзиши истеҳлокшуда баҳо дода мешаванд:		
Маблағҳои қарзӣ	161,327	145,039
Амонатҳои мизоҷон	143,894	126,194
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	4,671	4,243
Дигар	133	8
Ҳамагӣ хароҷотҳои фоизӣ аз рӯи уҳдадориҳои молиявие, ки бо арзиши истеҳлокшуда баҳо дода мешаванд:	310,025	275,484
Даромади софи фоизӣ, холис	299,115	235,879

5. ДАРОМАД ВА ХАРОҶОТҲОИ КОМИССИОНӢ

Даромадҳо ва хароҷотҳои комиссионии Ташкилот барои солҳое, ки 31 декабри 2025 ва 2024 анҷом ёфтаанд, тариқи зайл пешниҳод шудаанд:

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст
Даромадҳои комиссионӣ		
Хизматрасониҳои суратҳисобҳои амонатӣ	7,527	5,391
Низоми интиқоли маблағҳо	771	841
	8,298	6,232
Хароҷотоҳои комиссионӣ		
Хизматрасонӣ	8,408	6,923
Ҳисоббаробаркунӣ	1,161	1,748
Дигар	303	440
	9,872	9,111

6. ЗАРАРИ СОФ АЗ РӮИ АМАЛИЁТҲО БО ВОСИТАҲОИ МОЛИЯВӢ КИ ТАҒЙИРОТҲОИ ОНҲО ДАР ҲАЙАТИ ФОИДА Ё ЗАРАРИ ДАВРА ДАР АСОСИ АРЗИШИ ОДИЛОНА ЭЪТИРОФ МЕШАВАНД

Зарари софи Ташкилот аз рӯи амалиётҳо бо воситаҳои молиявӣ ки тағйиротҳои онҳо дар ҳайати фоида ё зарари давра дар асоси арзиши одилона эътироф мешаванд барои солҳое, ки 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 анҷом ёфтаанд, тариқи зайл пешниҳод шудаанд:

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст
Фарқиятҳои қурбӣ	(1,490)	1,613
Хароҷотҳои фоизӣ аз руи амалиётҳои СВОП	1,714	1,837
	224	3,450

7. ДАРОМАДИ СОФ АЗ РӮИ АМАЛИЁТҲО БО АСЪОРИ ХОРИҶӢ

Даромади соф аз рӯи амалиётҳо бо асъори хориҷӣ дар Ташкилот барои солҳое, ки 31 декабри 2025 ва 2024 анҷом ёфтаанд, чунин пешниҳод гардидааст:

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст
Амалиётҳо оид ба хариду фурӯш, холис	13,012	8,976
Фарқиятҳои қурбӣ, холис	(6,141)	(1,999)
	6,871	6,977

8. ТАШАККУЛИ ЗАХИРА ОИД БА БЕҚУРБШАВИИ ДИГАР ДОРОИҲО

Ташаккули захира оид ба беқурбшавии дигар дороиҳо барои солҳое ки 31 декабри 2025 ва 2024 ба анҷом расидаанд чунинанд:

	Воситаҳо дар бонкҳо	Дороиҳои дигар	Дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд	Ҳамагӣ
ба 31 декабри соли 2022	2,279	492	646	3,417
Ташаккул	(135)	16	386	267
Хоричшавӣ	-	-	(351)	(351)
ба 31 декабри соли 2024	2,144	508	681	3,333
Ташаккул	(233)	125	409	301
Хоричшавӣ	-	-	(25)	(25)
ба 31 декабри соли 2025	1,911	633	1,065	3,609

9. ДИГАР ДАРОМАДҲОИ ГАЙРИАМАЛИЁТӢ, ХОЛИС

Дигар даромадҳои гайриамалиётӣ, холиси Ташкилот барои солҳое ки 31 декабри 2025 ва 2024 ба анҷом расидаанд чунинанд:

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст
Дивидендхо	126	83
Фоида / зарар аз фурӯши воситаҳои асосӣ	36	10
Модификация шартномаҳо аз руи иҷора	-	(7)
Дигар	2,265	1,423
	2,427	1,509

10. ХАРОҶОТҲОИ АМАЛИЁТӢ

Хароҷотҳои амалиётии Ташкилот барои барои солҳое, ки 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 анҷом ёфтаанд, чунин пешниҳод гардидааст:

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст
Музди меҳнат ва мукофотпулиҳо	107,027	96,463
Пардохтҳо ба фонди иҷтимоӣ	20,824	19,266
Амортизатсияи воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ	12,145	12,098
Пардохт барои хизматрасониҳои касбӣ	10,809	4,490
Амортизатсияи дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифода	8,927	8,577
Ҳаққи аъзогӣ ва пардохтҳо	5,086	3,892
Хадамоти муҳофизатӣ	3,897	3,891
Реклама	3,516	3,144
Сӯзишворӣ	2,496	2,816
Хароҷоти коммуникатсионӣ	2,407	2,089
Хизматрасониҳои коммуналӣ	2,076	1,926

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст
Хароҷоти хизматӣ	2,050	1,958
Лавозимоти коргузорӣ	1,855	1,920
Хароҷоти намояндагӣ	1,312	1,054
Иҷораи бино	812	1,194
Ҳисобкунӣ / (барқароркунӣ) барои рухсатии истифоданашуда	637	(851)
Таъмир ва нигоҳдории воситаҳои асосӣ	484	533
Андозҳо (ба истиснои андоз аз фоида)	414	393
Мақсадҳои хайрия ва кӯмаки сарпарастӣ	266	1,058
Дигар хароҷот	13,757	12,986
	200,797	178,897

11. АНДОЗ АЗ ФОИДА

Ташкилот андозҳоро барои давраи ҷорӣ дар асоси маълумотҳои баҳисобгирии андоз, ки он мутобиқи талаботи қонунгузории андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал оварда мешавад, ҳисоб мекунад. Қонунгузории андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ фарқ карда метавонад. Барои 31 декабри 2025 сол дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри андоз аз фоида барои шахсони ҳуқуқӣ 20%-ро ташкил намуд.

Вобаста ба он, ки баъзе намудҳои хароҷот барои мақсадҳои андозбандӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд ва бо сабаби мавҷудияти даромадҳои андозбандинашаванда Ташкилот бо фарқиятҳои доимии андозии муайян рӯ ба рӯ мегардад.

Андози мавқуф гузошташуда самараи софи андозбандиро аз фарқиятҳои замонӣ байни арзиши ҳисобии дороиҳову ӯҳдадориҳои ба ҳисоботдиҳии молиявӣ вобаста ва маблағе, ки бо мақсади андозбандӣ муайян карда мешавад, инъикос менамояд. Фарқиятхои замоние, ки ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 мавҷуд буданд, асосан ба усулҳои гуногуни баҳисобгирии даромаду хароҷот, инчунин арзиши ҳисобии баъзе дороиҳо вобаста буданд.

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст
Хароҷотҳо аз рӯи андози фоидаи ҷорӣ	21,454	11,958
Тағйирёбии хароҷотҳо аз рӯи андози мавқуфгузошташуда аз фоида	(2,917)	3,906
Хароҷот аз рӯи андоз аз фоида	18,537	15,864

Самараи андозӣ аз фарқиятҳои муваққатӣ ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 тариқи зерин пешниҳод гардидааст:

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст	Меъёри самараноки андозӣ	Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст	Меъёри самараноки андозӣ
Фоида то андозбандӣ	79,897		59,883	
Андоз аз рӯи меъёри муқарраршуда	15,979	20%	11,977	20%
Самараи андозӣ аз фарқиятҳои доимӣ	2,558	-	3,887	-
Хароҷот аз рӯи андоз аз фоида	18,537		15,864	

Самараи андозӣ аз фарқиятҳои муваққатӣ ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 тариқи зерин пешниҳод гардидааст:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Дороиҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида:		
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора	24,887	22,678
Воситаҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешаванд	-	1,490
Захира барои рухсатиҳои истифоданашуда	13,816	4,101
Захира барои талафоти қарзии интизоршаванда аз рӯи маблағҳо дар бонкҳо	1,911	2,144
Дороиҳои софи мавқуфгузошташудаи андозӣ	40,614	30,413

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташудаи андоз аз фоида:		
Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	20,608	18,913
Захираҳо барои талафотҳои эҳтимолии қарзӣ аз руи қарзҳои ба мизоҷон додашуда	15,798	22,013
Гаравҳои гирифташуда	984	849
Ҳамагӣ ӯҳдадориҳои мавқуфгузошташуда аз рӯи андоз аз фоида	37,390	41,775
Дорохои ӯҳдадориҳои дороиҳои софи мавқуфгузошташудаи андозӣ	3,224	11,362
Дорохои ӯҳдадориҳои дороиҳои софи мавқуфгузошташудаи андозӣ (бо 20% меъёри мукарраршуда)	645	2,272

12. ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛИ ОНХО

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо, ки дар ҳисобот оиди вазъи молиявӣ пешниҳод гардидаанд, фарогири ҷузъҳои зерин ҳастанд:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Воситаҳои пулӣ дар хазина	124,878	85,957
Суратҳисоби ҷорӣ дар Бонки Миллии Тоҷикистон	82,322	75,148
	207,200	161,105

Воситаҳои пулӣ ва муодилҳои онҳо, ки дар Ҳисобот оиди гардиши воситаҳои пулӣ пешниҳод шудаанд, илова бар он воситаҳои дар бонкҳо, ки дар эзоҳи 13 инъикос гардиданд дар бар мегирад.

13. ВОСИТАҲО ДАР БОНКҲО

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 воситаҳо дар бонкҳо ба тариқи зайл пешниҳод гардиданд:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Суратҳисобҳои муросилотӣ дар бонкҳои кишвар	66,692	16,731
Суратҳисобҳои муросилотӣ дар бонкҳои дигар	6,229	8,539
Захираҳо барои талафотҳои эҳтимолии қарзӣ	(1,911)	(2,144)
	71,010	23,126

14. ВОСИТАҲОИ БАРОИ ИСТИФОДА МАҲДУД

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 воситаҳои барои истифода маҳдуд ба тариқи зайл пешниҳод гардиданд:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Маблағҳои кафолатнок барои амалиёти бонкӣ	43,816	45,720
Захираҳои ҳатмӣ дар Бонки Миллии Тоҷикистон	8,614	34,975
	52,430	80,695

15. ВОСИТАҲОИ МОЛИЯВӢ, КИ БО АРЗИШИ ОДИЛОНА ТАВАССУТИ ФОИДА Ё ЗАРАР АРЗЁБӢ КАРДА МЕШАВАНД

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 воситаҳои молиявӣ, ки бо арзиши одилона тавассути фоида ё зарар арзёбӣ карда мешаванд ба тариқи зайл пешниҳод гардиданд:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Шартномаҳо оид ба хариду фуруши асъори хороҷӣ	379	335
Фоиз барои пардохт	828	983
	1,207	1,318

16. ҚАРЗҲОИ БА МИЗОҶОН ДОДАШУДА

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 қарзҳои ба мизоҷон додашуда, ба тариқи зайл пешниҳод шуданд:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Қарзҳои ба мизоҷон додашуда	2,099,369	1,887,952
Фоизҳои ҳисобшуда	28,989	28,006
Қисми истеҳлокнашудаи маблағ аз руи қарзҳои ба мизоҷон додашуда	(8,841)	(9,189)
Захираҳо барои талафотҳои эҳтимолии қарзӣ	(33,144)	(16,209)
	2,086,373	1,890,560

Иттилоот дар бораи секторҳо аз рӯи қарзҳои додашуда ба таври зерин пешниҳод мегардад:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Истеъмолот	928,440	759,181
Кишоварзӣ	660,378	588,363
Хизматрасонӣ	222,336	262,297
Савдо	134,120	82,050
Сохтмон	127,443	153,044
Истеҳсолот	25,577	38,647
Дигар	21,223	23,186
Захираҳо барои талафотҳои эҳтимолии қарзӣ	(33,144)	(16,209)
	2,086,373	1,890,560

Иттилоот дар бораи таъмин бо гарав аз рӯи қарзҳои додашуда ба таври зерин пешниҳод мегардад:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Зомин	783,047	656,719
Бетаъмин	693,919	603,061
Молу мулки манқул	297,193	283,910
Таъминоти омехта	236,469	268,608
Молу мулки ғайриманқул	104,524	89,205
Маҳсулоти заргарӣ	4,365	5,266
Захираҳо барои талафотҳои эҳтимолии қарзӣ	(33,144)	(16,209)
	2,086,373	1,890,560

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 маблағи сандуқи қарзӣ мутаносибан 2,086,373 ҳазор сомони ва 1,890,560 ҳазор сомониро (бо назардошти фоизҳои хисобшуда) ташкил дод. Карзҳо ба мизоҷоне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, пешниҳод карда шуд, ки ин аз ҷиҳати ҷуғрофӣ дараҷаи муҳимияти муттаҳидгардонӣ ва дараҷаи баланди хатари қарзӣ дорад.

Дар ҷадвали зер маълумот оид ба сифати қарзҳои ба мизоҷон пешниҳодшуда, ки бо арзиши амортизатсионӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2025 арзёбӣ мешаванд, пешниҳод гардидааст. Маблағҳои пешниҳодшуда арзиши умумии тавозунии дороиҳои молиявиро дар буриши марҳилаҳои баҳодиҳӣ, ки барои ҳисоб намудани беқурбшавӣ истифода мешаванд, инъикос менамоянд.

	ТЭҚ дар давоми 12 моҳ	ТЭҚ дар давоми муҳлати умумӣ - қарзҳои беқурб нашуда	ТЭҚ дар давоми муҳлати умумӣ -қарзҳои беқурб шуда	Ҳамагӣ
Ба ҳолати 31 декабри соли 2023	1,488,018	5,411	6,638	1,500,067
Дороиҳои эътирофгардида	2,371,957	-	-	2,371,957
Гузариш ба Стратаи 1	570	(515)	(55)	-
Гузариш ба Стратаи 2	(3,238)	3,274	(36)	-
Гузариш ба Стратаи 3	(2,917)	(95)	3,012	-
Дороиҳо баргардонида шуда (ба ғайр аз ҳисоббарвардашуда)	(1,978,513)	(1,392)	(6,039)	(1,985,944)
Барқароркунии дороиҳое аз ҳисоб баровардашуда	-	-	15,096	15,096
Хориҷшавӣ	-	-	(13,224)	(13,224)
Ба ҳолати 31 декабри соли 2024	1,875,877	6,683	5,392	1,887,952
Дороиҳои эътирофгардида	2,482,570	-	-	2,482,570
Гузариш ба Стратаи 1	193	(193)	-	-
Гузариш ба Стратаи 2	(5,240)	5,245	(5)	-
Гузариш ба Стратаи 3	(7,187)	(216)	7,403	-
Дороиҳо баргардонида шуда (ба ғайр аз ҳисоббарвардашуда)	(2,267,774)	(1,740)	7,046	(2,262,468)
Барқароркунии дороиҳое аз ҳисоб баровардашуда	-	-	15,321	15,321
Хориҷшавӣ	-	-	(24,006)	(24,006)
Ба ҳолати 31 декабри соли 2025	2,078,439	9,779	11,151	2,099,369

Дар ҷадвали зер таҳлили тағйирёбии захираҳо аз рӯи қарзҳои ба мизоҷон пешниҳодшуда таҳти ТЭҚ барои солҳои 2025 ва 2024 пешниҳод гардидааст:

	ТЭҚ дар давоми 12 моҳ	**ТЭҚ дар давоми муҳлати умумӣ -қарзҳои беқурб нашуда**	**ТЭҚ дар давоми муҳлати умумӣ - қарзҳои беқурб шуда**	**Ҳамагӣ**
Ба ҳолати 31 декабри соли 2023	12,334	1,150	1,864	15,348
Гузариш ба Стратаи 1	5	(5)	-	-
Гузариш ба Стратаи 2	(1,435)	1,451	(16)	-
Гузариш ба Стратаи 3	(1,569)	(56)	1,625	-
Ташаккул	1,963	(231)	(2,743)	(1,011)
Барқароркунии дороиҳое аз ҳисоб баровардашуда	-	-	15,096	15,096
Хориҷшавӣ	-	-	(13,224)	(13,224)
Ба ҳолати 31 декабри соли 2024	11,298	2,309	2,602	16,209
Гузариш ба Стратаи 1	10	(10)	-	-
Гузариш ба Стратаи 2	(1,996)	1,998	(2)	-
Гузариш ба Стратаи 3	(3,922)	(145)	4,067	-
Ташаккул	18,311	(658)	7,967	25,620
Барқароркунии дороиҳое аз ҳисоб баровардашуда	-	-	15,321	15,321
Хориҷшавӣ	-	-	(24,006)	(24,006)
Ба ҳолати 31 декабри соли 2025	23,702	3,494	5,948	33,144

Маълумот дар бораи гардиши захираҳо барои талафотҳои эҳтимолии барои солҳое, ки 31 декабри 2025 ва 2024 анҷом ёфтаанд, тариқи зайл сурат гирифтанд:

	Захираҳо барои талафотҳои эҳтимолии қарзӣ
Ба ҳолати 31 декаби соли 2022	15,348
Ташаккул	(1,011)
Барқароркунии дороиҳое аз ҳисоб баровардашуда	15,096
Дороиҳо аз ҳисоббарвардашуда	(13,224)
Ба ҳолати 31 декаби соли 2024	16,209
Ташаккул	25,620
Барқароркунии дороиҳое аз ҳисоб баровардашуда	15,321
Дороиҳо аз ҳисоббарвардашуда	(24,006)
Ба ҳолати 31 декаби соли 2025	33,144

Дар ҷадвали поён маълумот дар бораи сифати қарзҳои ба мизоҷон ба ҳолати 31 декабри соли 2025 додашуда оварда шудааст:

	Қарзҳо то нигоҳдории Захираҳо барои ТЭҚ	Захираҳо барои ТЭҚ	Қарзҳо бо нигоҳдории Захираҳо барои ТЭҚ	Захираҳо барои ТЭҚ нисбати маблағхои карзҳо то нигоҳдории захираҳо барои ТЭҚ (%)
мӯҳлаташон ногузашта	2,051,333	(20,152)	2,031,181	1%
мӯҳлаташон аз 30 рӯз камтар гузашта	49,392	(2,685)	46,707	5%
мӯҳлаташон аз 31 то 60 рӯз гузашта	6,567	(2,668)	3,899	41%
мӯҳлаташон аз 61 то 90 рӯз гузашта	3,070	(1,641)	1,430	53%
мӯҳлаташон аз 91 то 120 рӯз гузашта	3,055	(1,955)	1,100	64%
мӯҳлаташон аз 121 то 150 рӯз гузашта	2,426	(1,773)	653	73%
мӯҳлаташон аз 151 то 180 рӯз гузашта	1,865	(1,127)	738	60%
мӯҳлаташон аз 181 рӯз гузашта	1,809	(1,143)	665	63%
	2,119,517	(33,144)	2,086,373	

Дар ҷадвали поён маълумот дар бораи сифати қарзҳои ба мизоҷон ба ҳолати 31 декабри соли 2024 додашуда оварда шудааст:

	Қарзҳо то нигоҳдории Захираҳо барои ТЭҚ	Захираҳо барои ТЭҚ	Қарзҳо бо нигоҳдории Захираҳо барои ТЭҚ	Захираҳо барои ТЭҚ нисбати маблағхои карзҳо то нигоҳдории захираҳо барои ТЭҚ (%)
мӯҳлаташон ногузашта	1,861,558	(10,042)	1,851,516	1%
мӯҳлаташон аз 30 рӯз камтар гузашта	33,205	(1,257)	31,948	4%
мӯҳлаташон аз 31 то 60 рӯз гузашта	4,339	(1,279)	3,060	29%
мӯҳлаташон аз 61 то 90 рӯз гузашта	1,845	(772)	1,073	42%
мӯҳлаташон аз 91 то 120 рӯз гузашта	1,958	(934)	1,024	48%
мӯҳлаташон аз 121 то 150 рӯз гузашта	1,695	(846)	849	50%
мӯҳлаташон аз 151 то 180 рӯз гузашта	1,219	(533)	686	44%
мӯҳлаташон аз 181 рӯз гузашта	950	(546)	404	57%
	1,906,769	(16,209)	1,890,560	

17. ҚОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ САРМОЯГУЗОРӢ

Дар санаи 31 декабри соли 2025 ва 2024 коғазҳои қиматноки сармоягузорӣ аз инҳо иборат буданд:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
ҶДММ «Бюрои қарзию иттилоотии Тоҷикистон»	324	213
ҶСК « НБО Рогун»	203	203
	527	416

Саҳмияҳои ҶСК « НБО Рогун» ва ҶДММ «Бюрои қарзию иттилоотии Тоҷикистон» бо сабаби дигар амалиётҳои нодир ва мавҷуд набудани бозори фаъоли ин воситаҳои молиявӣ бо арзиши одилона тавассути дигар даромади ҳамаҷониба ҳисоб карда мешаванд.

18. ВОСИТАҲОИ АСОСӢ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 воситаҳои асосии Ташкилот ба таври зерин пешниҳод гардиданд:

	Биноҳо ва иншоот	Мебел ва таҷҳизот	Воситаҳои нақлиётӣ	Ободонии моликияти иҷоравӣ	Ҳамагӣ
Арзиш					
31 декабри с. 2023	112,107	52,152	4,443	1,336	170,038
Воридот	-	6,487	-	286	6,773
Ҳаракати дохилӣ	-	94	-	(94)	-
Хориҷшавӣ	-	(1,184)	(65)	(58)	(1,307)
31 декабри с. 2024	112,107	57,549	4,378	1,470	175,504
Воридот	-	24,838	216	438	25,492
Ҳаракати дохилӣ	-	(1,556)	(392)	(18)	(1,966)
Хориҷшавӣ	-	-	-	-	-
31 декабри с. 2025	112,107	80,833	4,202	1,889	199,031
Истеҳлоки ғуншуда					
31 декабри с. 2023	70,979	34,379	1926	813	108,097
Дар давоми сол ҳисоб карда шуд	2,803	4,565	-	100	7,468
Хориҷшавӣ	-	(1,156)	(65)	(41)	(1,262)
31 декабри с. 2024	73,782	37,788	1,861	872	114,303
Дар давоми сол ҳисоб карда шуд	2,803	4,841	-	121	7,765
Хориҷшавӣ	-	(1,397)	(392)	(15)	(1,804)
31 декабри с. 2025	76,585	41,232	1,469	978	120,264
Арзиши холиси тавозунӣ					
31 декабри с. 2025	35,522	39,601	2,733	911	78,767
31 декабри с. 2024	38,325	19,761	2,517	598	61,202

Дар соли 2024, ширкат биноҳои моликияти худро аз ҷониби нархгузорони мустақил аз нав арзёбӣ кард. Дар натиҷаи ин арзёбӣ арзиши биноҳои ширкат ба маблағи 35,679 ҳазор сомонӣ афзоиш ёфт..

19. ДОРОИҲОИ ҒАЙРИМОДӢ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 дороиҳои ғайримодии Ташкилот ба таври зерин пешниҳод гардиданд:

	Дороиҳои ғайримоддӣ
Арзиш	
31 декабри с. 2023	40,166
Воридот	849
Таснифи дубора аз авансҳои пардохтшуда	-
31 декабри с. 2024	41,015
Воридот	8,020
Хориҷшавӣ	-
31 декабри с. 2025	49,035
Истеҳлоки ғуншуда	
31 декабри с. 2023	12,909
Дар давоми сол ҳисоб карда шуд	4,631
Хориҷшавӣ	-
31 декабри с. 2024	17,540
Дар давоми сол ҳисоб карда шуд	4,381
Хориҷшавӣ	-
31 декабри с. 2025	21,921
Арзиши холиси тавозунӣ	
31 декабри с. 2025	27,114
31 декабри с. 2024	23,475

20. ИҶОРА

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ ва ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора ба тариқи зайл пешниҳод гардидааст:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ		
Биноҳо	20,608	18,913
	20,608	18,913

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора		
Ҷорӣ	10,208	9,435
Дарозмуддат	14,679	13,243
	24,887	22,678

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст
Истеҳлоки ғуншудаи дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ		
Биноҳо	50,241	41,314
	50,241	41,314

	Дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	Ӯҳдадориҳо аз рӯи иҷора
1 январи соли 2022	14,072	17,417
Афзоиш	6,152	6152
Модификатсия	7,159	7,159
Истеҳлоки дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	(8,578)	-
Хароҷотҳои молияви аз рӯи ӯҳдадориҳои иҷоравӣ		4,244
Даромади дигар	108	114
Пардохтҳо	-	(12,408)
31 декабри соли 2024	18,913	22,678
Афзоиш	8,210	8,210
Модификатсия	2,412	2,412
Истеҳлоки дороиҳо дар шакли ҳуқуқи истифодабарӣ	(8,927)	-
Хароҷотҳои молияви аз рӯи ӯҳдадориҳои иҷоравӣ	-	4,671
Пардохтҳо	-	(13,084)
31 декабри соли 2025	20,608	24,887

21. ДОРОИҲОИ ДАРОЗМУДДАТ, КИ БАРОИ ФУРӮШ НИГОҲ ДОШТА МЕШАВАНД

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 дороиҳои дарозмуддат, ки барои фурӯш нигоҳ дошта мешаванд ба тариқи зайл пешниҳод гардидааст:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Хавлиҳо	2,017	2,017
Хонаи истиқоматӣ	106	234
Захираҳо барои талафотҳои эҳтимолии қарзӣ	(1,065)	(681)
	1,058	1,570

Ба санаи аз 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 дороиҳое,ки барои фурӯш таъин гардидаанд, ин амволи манқул ва ғайриманқул,ки ба моликияти Ташкилот мегузарад, мебошад. Барои ин дороиҳо захира барои зарари беқурбшавӣ таҳия карда шудааст. Арзиши миқдори зарурии таъминот дар санаи ҳисоботӣ аз ҷониби роҳбарияти Ташкилот дар асоси маълумоте, ки дар вақти баровардани ин изҳорот мавҷуд буд, тартиб дода шудааст ва эҳтимолияти ҷубронпулӣ нагирифтани Ташкилотро пурра инъикос мекунад.

22. ДИГАР ДОРОИҲО

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 дигар дороиҳои Ташкилот ба таври зерин пешниҳод гардиданд:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Дигар дороиҳои молиявӣ		
Ҳисобҳо барои қабул	5,971	10,383
Ҳисобҳо барои қабул аз руи низоми интиқол	3,472	2,014
Дигар	527	449
Захираҳо барои талафотҳои эҳтимолии қарзӣ	(633)	(508)
Ҳамагӣ дигар дороиҳои молиявӣ	9,337	12,338
Дигар дороиҳои ғайримолиявӣ		
Хароҷотҳои пешпардохтшуда	6,254	6,074
Захираҳои моддию молӣ	2,543	1,856
Дигар	1,739	708
Ҳамагӣ дигар дороиҳои ғайримолиявӣ	10,536	8,638
	19,873	20,976

23. МАБЛАҒҲОИ БОНКҲО ВА ДИГАР ТАШКИЛОТҲОИ МОЛИЯВӢ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 маблағҳои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ ба таври зерин пешниҳод гардиданд:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Ҷойгиркунии мӯҳлатнок	20,000	28,000
Суратҳисобҳои муросилотӣ	5,633	4,914
	25,633	32,914

24. АМОНАТҲОИ МИЗОҶОН

Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 амонатҳои мизоҷони Ташкилот ба таври зайл пешниҳод гардиданд:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Амонатҳои мӯҳлатнок	953,507	817,271
Пасандозҳои амонатӣ	127,546	109,726
Амонатҳои тодархостӣ	51,688	27,084
Фоизхои ҳисобшуда	1,892	1,817
	1,134,633	955,898

25. МАБЛАҒҲОИ ҚАРЗӢ

Ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 маблағҳои қарзии Ташкилот ба таври зайл пешниҳод гардиданд:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Маблағҳои қарзӣ	858,538	798,293
Маблағҳои ба Ҳукумат пардохтшаванда	55,691	70,624
Фоизхои ҳисобшуда	31,715	35,816
Қисми истеҳлокнашудаи комиссия аз руи маблағҳои қарзӣ	(5,922)	(5,526)
	940,022	899,207

Дар ҳолати то 31 декабри соли 2025 ва соли 2024 маблағи қарзҳо барои пардохт ва воситаҳои махсуси Ҳукумат ба тариқи зайл пешниҳод шудаанд:

Қарздиҳанда	Асъор	Муҳлат	31.12.2025	31.12.2024
ГСБ РТ "Амонатбонк"	Сомони	сен.28	70,000	-
IFC	Сомони	июл.27	42,662	53,328
Agents for Impact	Сомони	дек.27	40,494	-
Agents for Impact	Сомони	дек.27	39,628	-
Фонд "Альтернатив"	Сомони	сен.28	28,399	-
WaterEquity	Сомони	дек.27	27,713	-
BlueOrchard Finance. S.A.	Сомони	апр.27	27,395	27,395
BlueOrchard Finance. S.A.	Сомони	фев.27	27,391	27,391
BlueOrchard Finance. S.A.	Сомони	фев.27	27,389	27,389
BlueOrchard Finance. S.A.	Сомони	фев.27	27,369	-
BlueOrchard Finance. S.A.	Сомони	фев.27	27,369	-
BlueOrchard Finance. S.A.	Сомони	дек.26	26,804	26,804
BlueOrchard Finance. S.A.	Сомони	дек.26	26,709	26,709
responsAbility Investments AG	Сомони	июн.27	25,994	-
Вазорати молияи ҶТ	Сомони	май.27	25,901	33,795
KIVA Microfunds	Доллари ИМА	сен.99	23,515	26,447
BlueOrchard Finance. S.A.	Доллари ИМА	мар.27	23,128	27,331
"Инекобанк"	Доллари ИМА	сен.27	23,128	-
"Инекобанк"	Доллари ИМА	авг.27	23,128	-
Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҶТ	Сомони	янв.30	22,879	22,879
responsAbility Investments AG	Сомони	июл.26	21,546	21,546
Agents for Impact	Сомони	дек.27	19,828	-
"Инекобанк"	Доллари ИМА	ноя.27	18,503	-
WaterEquity	Сомони	дек.27	18,475	-
BlueOrchard Finance. S.A.	Сомони	ноя.26	16,432	32,864
Frankfurt School Financial Services	Сомони	сен.27	15,985	15,985
responsAbility Investments AG	Сомони	июл.27	15,834	-
ФКХ "Фонди Бозтамвил"	Сомони	окт.26	15,800	18,600
КВД БСТ "Саноатсодиротбонк"	Сомони	апр.26	15,000	15,000
ФКХ "Фонди Бозтамвил"	Сомони	май.28	15,000	-
responsAbility Investments AG	Сомони	мар.27	13,661	-
responsAbility Investments AG	Сомони	мар.27	13,661	-
BlueOrchard Finance. S.A.	Сомони	окт.26	10,960	21,921
responsAbility Investments AG	Сомони	сен.26	10,958	21,916

Қарздиҳанда	Асъор	Муҳлат	31.12.2025	31.12.2024
responsAbility Investments AG	Сомони	сен.26	10,652	10,652
КВД БСТ "Саноатсодиротбонк"	Сомони	сен.26	10,652	10,652
КВД БСТ "Саноатсодиротбонк"	Сомони	дек.26	10,000	-
Бонки Аврупоии тағдид ва рушд	Сомони	фев.27	10,000	-
responsAbility Investments AG	Сомони	июл.27	9,864	16,440
Bank im Bistum	Сомони	янв.26	7,622	-
Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҶТ	Сомони	сен.27	6,991	20,561
responsAbility Investments AG	Доллари ИМА	сен.26	6,911	9,675
Бонки Аврупоии тағдид ва рушд	Сомони	фев.26	4,626	10,933
Бонки Аврупоии тағдид ва рушд	Доллари ИМА	фев.27	3,093	9,279
responsAbility Investments AG	Сомони	май.26	2,775	5,466
responsAbility Investments AG	Сомони	май.26	2,725	8,174
Frankfurt School Financial Services	Доллари ИМА	янв.26	2,725	8,174
Frankfurt School Financial Services	Доллари ИМА	апр.26	2,313	8,199
Бонки Аврупоии тағдид ва рушд	Сомони	янв.26	2,313	8,199
Бонки Аврупоии тағдид ва рушд	Доллари ИМА	фев.26	2,056	6,168
Bank im Bistum	Сомони	мар.25	925	3,280
IFC	Сомони	июл.25	-	21,827
Agents for Impact	Сомони	июл.25	-	10,204
WaterEquity	Сомони	дек.25	-	21,842
КВД БСТ "Саноатсодиротбонк"	Сомони	авг.25	-	16,400
КВД БСТ "Саноатсодиротбонк"	Сомони	дек.25	-	10,000
ЧСК "Бонки Эсхата"	Сомони	дек.25	-	10,000
Agents for Impact	Сомони	апр.25	-	40,000
Agents for Impact	Сомони	май.25	-	27,287
ГСБ РТ "Амонатбонк"	Сомони	мар.25	-	27,285
Бонки Аврупоии тағдид ва рушд	Доллари ИМА	окт.25	-	25,000
Бонки Аврупоии тағдид ва рушд	Сомони	окт.25	-	2,187
Бонки Аврупоии тағдид ва рушд	Сомони	окт.25	-	6,129
IFC	Сомони	июл.25	-	4,086
Obviam AG	Сомони	дек.25	-	10,259
ГСБ РТ "Амонатбонк"	Сомони	мар.25	-	11,300
Вазорати молияи ҶТ	Сомони	май.25	-	25,000
Obviam AG	Сомони	дек.25	-	2,468
Obviam AG	Сомони	дек.25	-	8,667
ФКХ "Фонди Бозтамвил"	Сомони	май.25	-	8,640
ФКХ "Фонди Бозтамвил"	Сомони	май.22	-	4,121
Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҶТ	Сомони	апр.25	-	1,909
			914,229	**868,917**

26. ДИГАР ӮҲДАДОРИҲО

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 дигар ӯҳдадориҳои Ташкилот ба тариқи зайл сурат гирифтанд:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Дигар ӯҳдадориҳои молиявӣ		
Ҳисобҳо барои пардохт	14,568	6,405
Захираҳо оиди рухсатии истифоданашуда	3,605	2,968
Дигар	2,517	2,224
Ҳамагӣ дигар уҳдадориҳои молиявӣ	20,690	11,597
Дигар ӯҳдадориҳои гайримолиявӣ		
Андоз аз даромади пардохтшаванда	9,097	3,230
Андозҳо барои пардохт	3,760	4,109
Дигар	-	-
Ҳамагӣ дигар уҳдадориҳои гайримолиявӣ	12,857	7,339
	33,547	18,936

27. САРМОЯИ ОИНОМАВӢ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 ҳаҷми сармояи оинномавии ба тариқи зайл сурат гирифтанд:

	Декабри 31, 2025	Саҳм	Декабри 31, 2024	Саҳм
Фонди секюритизационнии «Alternative»	52.63%	58,482	52.63%	58,482
Бонки Аврупоии тағдид ва рушд (БАТР)	17.92%	19,907	17.92%	19,907
Бонки рушди Шоҳигарии Нидерландия	17.92%	19,907	17.92%	19,907
Ассотсиатсияи менонитии рушди иқтисод (MEDA)	8.73%	9,699	8.73%	9,699
Шарипова Санавбар Маруфовна	1.35%	1,500	1.35%	1,500
Махкамова Гулбахор Махсудовна	1.35%	1,500	1.35%	1,500
Ассотсиатсияи Миллии занҳои соҳибкори Тоҷикистон	0.10%	116	0.10%	116
	100%	111,111	100%	111,111

Дар моҳи сентябри соли 2024 Фонди секюритизационнии «Alternative» саҳмияи ҶСШК "Pettelaar Effectenbewaarbedrijf N.V"-ро пурра харидорӣ намуда, бо ин васила ҳиссаи сармояи оинномавии ширкатро аз 42,66% то 52,63% афзоиш дод.

Дар соли 2025 Ташкилот ба маблағи 4,500 ҳазор сомонӣ дивиденд пардохт кардааст. Ташкилот дар соли 2024 дивиденд ба маблағи 5,432 пардохт накардааст.

28. ӮҲДАДОРИҲОИ МОЛИЯВИИ ШАРТӢ

Ӯҳдадориҳо аз рӯи хароҷотҳои сармоявӣ

Ба санаи 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 Ташкилот аз рӯи хароҷотҳои сармоявӣ ӯҳдадорӣ надошт.

Ӯҳдадориҳои дорои хосияти қарзӣ, кафолатҳо ва дигар шартномаҳои молиявӣ

Дар рафти кори муқаррарӣ Ташкилот барои мизоҷон воситаҳои гуногуни молиявӣ, ки дар суратҳисобҳои ғайритавозунӣ ҳисоб карда мешаванд ва дараҷаҳои гуногуни хавфнокӣ доранд, пешниход менамояд. Маблағи номиналӣ ё қарордодии чунин ӯҳдадориҳо ба ҳолати 31 декабри солҳои 2025 ва 2024 чунин пешниҳод шудааст:

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Хати қарзӣ	24,354	26,872
Кафолатҳо	-	-
	24,354	26,872

Ӯҳдадориҳо тибқи шартномаҳои иҷораи амалиётӣ

Дар ҷараёни фаъолияти ҷории худ, Ташкилот утоқҳои корӣ ва таҷҳизотро барои филиалҳо ба иҷора мегирад. Аз 31 декабри соли 2025 ва 2024 Ташкилот тибқи шартномаҳои иҷораи бебозгашти иҷоравӣ ӯҳдадориҳои назаррас надошт.

Даъвои судӣ

Ҳар сари чанд вақт дар ҷараёни фаъолияти Ташкилот мизоҷон ва ҷонибҳо зидди Ташкилот даъво мекунанд ва Ташкилот низ нисбати мизоҷон даъво мекунад. Дар санаи ҳисоботӣ, Ташкилот дар мурофиаҳои судӣ иштирок накардааст, ки метавонад боиси тағйир ёфтани ҳисоботи молиявӣ гардад.

Андозбандӣ

Вобаста ба он ки дар қонунгузории тиҷоратӣ, аз ҷумла қонунгузории андози Тоҷикистон муқаррароте ҳастанд, ки духӯра шарҳ дода мешаванд, инчунин бо назардошти он ки мақомоти андоз вобаста ба фаъолияти Ташкилот баъзан худраъёна муҳокимаронӣ мекунад, агар ягон амали мушаххаси ба шарҳу маънидоди қонунгузорӣ асосёфтаи роҳбарияти Ташкилот аз ҷониби мақомоти андоз инкор карда шавад, ин боиси ҳисобкунии андозҳои иловагӣ ва ситонидани ҷаримаҳо мегардад.

Ба ақидаи роҳбарияти Ташкилот, дар санаи ҳисоботӣ муқаррароти дахлдори қонунгузорӣ дуруст шарҳ дода шудаанд ва мавқеи Ташкилот дар робита ба қонунгузории андоз устувор боқӣ хоҳад монд.

Ҳолати иқтисодӣ

Фаъолияти асосии иқтисодии Ташкилот дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст. Аз сабаби он, ки қонунгузорӣ ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ба вазъияти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир расонанда мунтазам тағйир меёбанд, дороиҳо ва амалиётҳои Ташкилот дар ҳолати вазниншавии вазъиятҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ба хавф дучор мешаванд.

Ҷубронпазирии дороиҳои молиявӣ

Ба санаи 31 декабри соли 2025 дороиҳои молиявии Ташкилот 2,426,877 ҳазор сомонӣ (2,168,240 ҳазор сомонӣ барои 31 декабри соли 2024)-ро ташкил доданд. Ҷубронпазирии ин дороиҳои молиявӣ пеш аз ҳама аз самаранокии чораҳои буҷетӣ, ки дар кишварҳои гуногун барои расидан ба устувории иқтисодӣ нигаронида шудаанд, яъне омилҳое, ки дар доираи назорати Ташкилот нестанд, вобаста мебошанд. Ҷубронпазирии дороиҳои молиявӣ аз тарафи Ташкилот дар асоси шартҳое, ки ба санаи ҳисоботӣ мавҷуданд, муайян карда мешавад. Роҳбарияти Ташкилот дар асоси ҳолатҳои воқеӣ ва маълумотҳои мавҷуда ақида дорад, ки дар давраи мазкур барои дороиҳои молиявӣ таъсис додани маблағи захира зарурате нест.

Муҳити амалиётӣ

Бар хилофи бозорҳои нисбатан инкишофёфта, бозорҳои мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифторшавандаи таъсири хавфҳои гуногун, аз ҷумла хавфҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва меъёрӣ мебошанд. Танзими меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз гирифторшавандаи тағйиротҳо мебошад. Таъбири гуногуни қонунгузориҳои андоз, асъор ва гумрук, инчунин маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва фискалӣ (хазинаи давлатӣ), ки бо онҳо Ташкилоти дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият кунанда рӯ ба рӯ мешавад, вуҷуд доранд. Самти ояндаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан аз истифодаи чорабиниҳои давлатии иқтисодӣ, андозӣ ва сиёсати пулию қарзӣ, инчунин тағйироти базаи меъёрию ҳуқуқӣ, муайяан шуда истодааст.

Танзими меъёрии ҳуқуқии активҳои расмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли гузашта тағйирёбанда мебошанд. Имконияти интерпретатсияи гуногуни андозӣ, асъорӣ ва қонунгузории гумрукӣ, инчунин дигар маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва фискалӣ вуҷуд доранд, ки Ташкилот ҳангоми фаъолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба онҳо бармехӯрад. Самти ояндаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аксари мавридҳо тибқи аз ҷониби давлатҳо истифода намудани тадбирҳои иқтисодӣ, андозӣ ва сиёсати пулию қарзӣ, инчунин тағйирёбии заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва вазъи сиёсӣ дар кишварҳо муайян мегардад.

Ҳисоботи молиявии мазкур фарогири ягон тасҳеҳоти дар оянда дар натиҷаи ҳалли номуайянии мазкур зарур мешуда нест. Тасҳеҳоти имконпазир танҳо дар даврае ба ҳисобот ворид карда мешаванд, ки инъикоси онҳо яқинан зарур гардида, баҳогузории нишондиҳандаҳои миқдории онҳо имконпазир мегардад.

29. АМАЛИЁТҲО БО ШАХСОНИ ВОБАСТА

Ҳангоми баррасии ҳар як муносибати имконпазири тарафҳо, диққат ба шакли муносибатҳо равона карда шудааст, на танҳо ба шакли ҳуқуқӣ. Ба рӯйхати шахсони алоқаманд саҳмдорон, аъзои Шӯрои директорон ва аъзои Раёсати Ташкилот, инчунин хешовандони наздики онҳо дохил карда шудаанд.

Дар ҳисоботи вазъи молиявӣ ба ҳолати 31 декабри соли 2025 ва 2024, дар бораи амалиётҳо бо шахсони марбут маблағҳои зерин гузориш дода шудаанд:

	31 декабри соли 2025			31 декабри соли 2024		
	% миёнаваз н	Амалиётҳо бо шахсони марбут	Ҷамъ бо категория тибқи банди ҳисоботи молиявӣ	% миёнаваз н	Амалиётҳо бо шахсони марбут	Ҷамъ бо категория тибқи банди ҳисоботи молиявӣ
Қарзҳои ба мизоҷон додашуда	31%	45	2,086,373	30%	-	1,890,560
Маблағҳои қарзӣ	18%	19,877	940,022	19%	53,035	899,207
Амонатҳои мизоҷон	13%	3,130	1,134,634	14%	87	955,898

30. ТАЛАБОТҲОИ ПРУДЕНСИАЛӢ

Мутобиқи нишондиҳандаҳои муқарраргардидаи миқдорӣ бо мақсади таъминкунии кифоягии сармоя Ташкилот вазифадор аст, ки талаботи маблағҳои минималии сармоя ва меъёрҳои кифоятии сармоя: таносуби сармояи умумиро нисбати маблағи умумии дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда (12%).

Меъёр мутобиқи қоидаҳои муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гардида, метавонад аз қоидаҳои муқарраркардаи Созишномаи Базел бо истифодаи баҳогузории зерини хавф барои дороиҳо ва ӯҳдадориҳои ғайритавозунӣ бо нигоҳ доштани захираҳо оиди беқурбшавӣ каме фарқ кунад.

Ва ҳаҷми воқеии таносуби сармояи Ташкилот чунинанд:

	Барои соле, ки 31 декабри соли 2025 анҷом ёфтааст	Барои соле, ки 31 декабри соли 2024 анҷом ёфтааст
Гардиши сармояи дараҷаи аввал		
Дар аввали сол	313,035	271,580
Дороиҳои ғайримодӣ	(26,620)	(23,475)
Захираи умумӣ	25,902	21,510
Азнавбаҳодихии фондхои асосӣ	30,752	33,216
Фарки байни захирахои тахмини ва эътирофшуда	-	(829)
Фоидаи соф дар давоми сол*	36,579	19,804
Дар охири сол	379,648	321,806

	31 декабри соли 2025	31 декабри соли 2024
Таркиби сармояи танзимшаванда		
Сармояи дараҷаи аввал:	286,416	219,738
Ҳамагӣ сармояи танзимшаванда	321,805	280,034

* Фоидаи соф дар давоми сол маблағеро барои баҳисобгирии мувофиқи талаботи Бонки миллии Тоҷикистон ифода мекунад, ки метавонад аз талаботи СБҲМ фарқ кунад.

Маблағи сармоя ва меъёри Ташкилот дар зер оварда шудаанд:

	Таносуб барои мақсадҳои басандагии сармоя	Таносуби минималии талабшаванда
Ба ҳолати 31 декабри соли 2025		
Коэффитсиенти кифоятии сармоя K1.1	16,08%	12%
Коэффитсиенти кифоятии сармоя K1.2	14,72%	10%
Ба ҳолати 31 декабри соли 2024		
Коэффитсиенти кифоятии сармоя K1.1	15,4%	12%
Коэффитсиенти кифоятии сармоя K1.2	14,9%	10%

31. ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ САРМОЯ

Ташкилот сармояҳои худро идора мекунад, то ки амалиёти доимии Ташкилот идома ёбад ва қатъ нашавад ва дар ин ҳол даромаднокии ҳадди аксар барои саҳмдорон тавассути оптимизатсияи мувозинати қарз ва сармояи худ баланд бардорад.

Сохтори сармояи Ташкилот аз қарз ва сармояи саҳмдорон иборат аст, ки он аз сармояи баровардашуда, захираҳо ва фоидаи тақсимнашаванда, ки дар изҳороти тағирот дар сармояи худ ифода ёфтааст, иборат аст.

Раёсат сохтори сармояро мунтазам баррасӣ мекунад. Дар доираи ин баррасӣ, Шӯрои Раёсат арзиши сармоя ва хавфҳои марбут ба ҳар як синфи сармояро баррасӣ мекунад. Дар асоси тавсияҳои Шӯрои Раёсат, Ташкилот сохтори умумии сармояи тавозунро тавассути сармоягузории фоидаи тақсимнашуда, зиёд кардани қарзҳои иловагӣ ё пардохти қарзҳои мавҷуда ба эътидол меорад.

32. СИЁСАТИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲО

Идоракунии хавфҳо дар фаъолияти Ташкилот нақши муҳим дорад. Хавфҳои асосие, ки ба фаъолияти Ташкилот марбутанд, инҳоро дар бар мегиранд:

- Хавфи қарзӣ;
- Хавфи амалиётӣ;
- Хавфи пардохтпазирӣ;
- Хавфи бозорӣ.

Барои таъмини сиёсати самараноки идоракунии хавфҳо Ташкилот принсипҳои асосии идоракунии хавфҳоро муайян кардааст. Мақсади ин принсипҳо аз ҳимоя кардани Ташкилот аз хавфҳои мавҷуда ва имкон додан барои ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда иборат аст. Принсипҳои ишорагардида аз ҷониби Ташкилот дар рафти идоракунии хавфҳои зерин истифода карда мешаванд:

Хавфи қарзӣ

Ташкилот ба хавфи қарзӣ гирифтор шуда метавонад, ин хавф ба он вобаста аст, ки як тараф ӯҳдадориҳои марбут ба воситаҳои молиявиро иҷро карда наметавонад, ки дар натиҷа тарафи дигар ба зарари молиявӣ рӯ ба рӯ мегардад.

Идоракунии хавфҳо ва мониторинги онҳо аз Чониби Кумитаҳои қарзӣ ва Роҳбарияти Ташкилот дар доираи салоҳиятҳои муқарраргардида ба амал оварда мешавад. Пеш аз амали бевоситаи Кумитаи қарзӣ роҳбарияти Ташкилот тамоми тавсияҳои марбут ба равандҳои қарзӣ (маҳдудиятҳое, ки барои қарзгирандагон муқаррар карда шудаанд ва ё иловаҳо ба шартномаи қарзӣ ва ғ.)-ро баррасӣ ва тасдиқ мекунад.

Ташкилот вобаста ба идоракунии хавфи қарзӣ сиёсатеро таҳия карда баромад, ки он масъалаҳои маҳдудкунии раванди марказонидани ҷузвдони қарзӣ ва таъсис додани кумитаи қарзиро дар бар кардааст, кумитаи мазкур мониторинги хавфро ба амал меорад. Сиёсати қарзии Ташкилот аз ҷониби Шӯрои Нозирон баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад. Ташкилот сатҳҳои хавфи қарзиро тавассути муқаррар намудани меъёрҳои маҳдудкунандаи ҳаҷми хавф, ки дар нисбати як қарзгиранда ё гурӯҳи қарзгирандагон, инчунин аз рӯи секторҳои иқтисодиёт қабул мегардад, ташаккул медиҳад. Нисбати меъёрҳои муқаррагардида мониторинги ҳамарӯзаи хавфҳои воқеӣ ба амал оварда мешавад.

Гирифтор будан ба хавфи қарзӣ дар асоси таҳлили мунтазами қобилияти қарзгирандагон ва қарзгирандагони эҳтимолӣ барои иҷроиши ӯҳдадориҳои марбут ба пардохти фоизҳо ва маблағҳои асосӣ, инчунин ҳангоми зарурат тавассути тағйир додани ин меъёрҳои қарзӣ назорат карда мешавад. Гирифторшавӣ ба хавфи қарзӣ инчунин тавассути гирифтани таъминот ва гаравҳое, ки аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дода мешаванд, танзим карда мешавад. Чунин хавфҳо доимӣ мониторинг карда шуда, на кам аз 1 маротиба дар давоми сол таҳлил мегарданд.

Муайян кардани дефолт

Мафҳуми дефолт маънои аз ҷониби Ташкилот эътироф шудани далели иҷро накардан ё нопурра иҷро кардани аз ҷониби контрагент ӯҳдадориҳои молиявии худ дар назди Ташкилот дорад.

Дефолт на дертар аз он, ки мӯҳлати дороиҳои молиявӣ то 90 рӯз гузаштааст, рух медиҳад, ба истиснои ҳолатҳое, вақте ки Ташкилот дорои маълумоти оқилона ва тасдиқшавандаест, ки истифодаи меъёри дефолтро бо таъхири тӯлонии пардохт мувофиқтар медонад. Мафҳуми дефолт, ки барои ин мақсадҳо истифода мешавад, ба таври муттасил ба ҳама воситаҳои молиявӣ дахл дорад, ба истиснои ҳолатҳое, ки маълумот дастрас мешавад ва нишон медиҳад, ки мафҳуми дигари дефолт барои як воситаи муайяни молиявӣ мувофиқтар аст.

Ташкилот дар сурати иҷро шудани як ва ё зиёда аз он меъёрҳо, дефолти контрагентро эътироф мекунад:

Меъёрҳои сифатӣ - Ташкилот асосҳои оқилона дорад, ки контрагент бидуни андешидани чораҳо, ба монанди фурӯши гарав (агар бошад), эҳтимолан талаботи Ташкилотро пурра иҷро намекунад.

Меъёри миқдорӣ - контрагент дар назди Ташкилот қарзи барзиёд пардохтшударо дар тӯли зиёда аз 90 рӯзи тақвимӣ дорад.

Меъёрҳои сифатии эътироф кардани дефолт

Меъёрҳои сифатии эътироф кардани дефолт таҳлили нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ, пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ, инчунин пардохтпазирии гарав мебошанд ва аз муайян кардани қобилияти қарзии он иборатанд.

Меъёри муҳимтарини тавсифкунандаи вазъи молиявии контрагент ин нишондиҳандаҳои устувории ҷараёни молиявӣ, таъминоти маблағҳои шахсӣ ва сатҳи қарз ё ӯҳдадориҳо мебошад.

Арзёбии сифатӣ мониторинги амалиёти қарзӣ, инчунин назорат аз болои додани қарзҳоро пешбинӣ мекунад.

Барои эътироф кардани дефолт ҳолатҳои зерин асос мебошанд:

1. Риоя накардани шартҳои шартнома

Контрагент шартҳои шартномаро иҷро накардааст (масалан, ковенант, аҳдҳо), ки дар натиҷаи он Ташкилот дефолти тарафро тибқи шартнома эътироф кардааст (мутобиқи шартҳои шартнома) ва пеш аз мӯҳлат баргардонидани қарзро талаб кардааст.

Меъёри мазкур дар ҳолате татбиқ карда мешавад, ки контрагент талаби Ташкилотро барои пеш аз мӯҳлат баргардонидани қарз сари вақт ва пурра иҷро накарда бошад.

Дар ин ҳолат, санаи дефолт ин санаи таъхир дар қарзи пеш аз мӯҳлат баргардонидаи пешниҳодшуда мебошад.

2. Талабот оид ба таҷдиди сохт

Ташкилот дар бораи таҷдиди сохтори талабот бинобар мушкилоти молиявии контрагент қарор қабул кунад, ки натиҷаи он метавонад ба коҳиши ҷиддии ҳаҷми пардохтҳо аз рӯи қарзи асосӣ, фоизҳо ё комиссионӣ ва / ё ба таъхир афтодани пардохти онҳо оварда расонад.

Санаи дефолт санаи қабули қарор дар бораи таҷдиди сохтор мебошад (якум, агар силсилаи азнавсозӣ сурат гирифта бошад).

3. Муфлисшавии контрагент

- Контрагент ё Ташкилот ба суд дар бораи муфлис эълон кардани контрагент дархост пешниҳод кардаанд ё;
- Контрагент муфлис эълон шудааст ё;
- Нисбат ба контрагент, яке аз расмиёти муфлисшавӣ ҷорӣ карда шуд, ё контрагент чунин ҳимояро ба даст овард, ки имкон медиҳад, канорагирии талаботҳои Ташкилотро пешгирӣ ё ба таъхир гузорад.

4. Чорабиниҳои дигар

Дар ҳолате, ки далелҳои мустақим ё ғайримустақим ошкор карда шаванд, ки эҳтимолияти баланди татбиқи рӯйдодҳои манфиро нишон медиҳанд, эътирофи иҷро накардан метавонад тавассути ташаккули доварии касбӣ амалӣ карда шавад.

Ҳангоми ташаккул додани доварии касбӣ далелҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

- бинобар талаботҳо (Ташкилот ё дигар кредиторон) ба контрагент, қарзи мӯҳлатноки пардохтшуда (барои пардохти қарзи асосӣ, фоизҳо, комиссионӣ ва дигар пардохтҳо) ба вуҷуд омадаанд;
- бо дархости Ташкилот бо сабаби пастшавии назарраси сифати қарзро интизорбуда, захира ё азнавбаҳодиҳии манфӣ ташкил карда шавад.
- талаботҳо аз ҷониби Ташкилот бо зарари иқтисодӣ фурӯхта шудаанд;
- талаботҳо бо шартҳои барои Ташкилот номусоид тағдид карда шуданд;
- дар фаъолияти молиявию хоҷагии контрагент тағйироти назарраси манфӣ ба амал омаданд;
- далели қаллобӣ аз ҷониби контрагент (нисбати Ташкилот ё шахсони сеюм) ошкор ва тасдиқ карда шуд.

Дар ин ҳолат, санаи дефолт ин санаи ташаккули доварии дахлдори касбӣ мебошад.

Меъёрҳои миқдории эътироф кардани дефолт

Контрагент қарзи барзиёд пардохтшудаи мӯҳлати пардохтро дар назди Ташкилот бо давомнокии зиёда аз 90 рӯзи тақвимӣ ё дигар давраи тасдиқшуда ва асоснок дорад, ки таъхир дар пардохти зиёда аз 90 рӯзро пешбинӣ мекунад.

Афзоиши назарраси хавфи қарзӣ

Роҳбарияти Ташкилот барои баҳодиҳии афзоиши назарраси хавфи қарзӣ, ки унсури муҳим дар арзёбии талафоти қарзии пешбинишуда мебошад, аз доварӣ истифода мебарад. Ҳангоми баҳодиҳии афзоиши назарраси хавфи қарзӣ аз ҷониби Ташкилот омилҳои зерин ба назар гирифта мешаванд:

- Қарзи доимии батаъхирафтода аз рӯи ӯҳдадориҳои Контрагент дар назди Ташкилот зиёда аз 30 рӯзи тақвимиро ташкил медиҳад;
- Бо сабаби имконнопазир будани иҷрои ӯҳдадориҳо бо шартҳои ҷорӣ қарз тағдид карда шавад;
- Чораҳои назарраси таъсиррасонии Ташкилот барои паст кардани хавфҳои қарзӣ, аз қабили назорати мустақим (идоракунӣ) аз болои фаъолияти амалиётӣ истифода шавад;
- Дар тӯли 12 моҳи оянда ҷараёни нақдии назарраси нокофӣ барои ӯҳдадориҳо дар шароитҳои ҷорӣ пешбинӣ шудааст;
- Тағироти манфии воқеӣ ё дарназардошти манфӣ дар рейтинги қарзии берунии воситаи молиявӣ;
- Тағироти мавҷуда ё номусоиди пешбинишаванда дар шароити тиҷоратӣ, молиявӣ ё иқтисодӣ, тавре ки интизор мешавад, ба тағироти ҷиддии қобилияти қарзгир дар иҷрои ӯҳдадориҳои қарзиаш оварда мерасонад;
- Афзоиши назарраси хавфи қарзӣ аз рӯи дигар воситаҳои молиявии ҳамон қарзгир;
- Мӯҳлати имтиёзнок барои пардохти саҳмҳо пешниҳод карда шавад;
- Мавҷудияти маълумот дар бораи иштироки контрагент дар мурофиаҳо, ки метавонанд вазъи молиявии онро бадтар кунанд.

Хавфи қарзӣ аз рӯи воситаҳои молиявӣ паст аст, агар:

1. хавфи пайдоиши дефолт барои дороиҳо / ӯҳдадориҳои молиявӣ кам аст;
2. қарзгиранда барои иҷрои ӯҳдадориҳои худ оид ба пардохти маблағҳои дар шартнома пешбинишуда дар ояндаи наздик марзи назарраси бехатарӣ дорад; ва
3. тағирёбии номусоид дар шароити иқтисодии пешбурди тиҷорат дар дурнамои дарозмуддат метавонад ба миён ояд, аммо на ҳатман боиси коҳиш ёфтани қобилияти қарзгир дар иҷрои ӯҳдадориҳои худ мегардад.

Дар доираи фаъолияти худ, Ташкилот афзоиши хавфи қарзӣ аз вомбаргҳои давлатии бо пули миллӣ ифодаёфтаро, инчунин бақияро дар ташкилотҳои молиявии дорои рейтингҳои баланди қарзӣ истисно мекунад.

Маълумоти аввалия барои арзёбии зарари қарзии пешбинишуда

Маълумоти аввалия барои арзёбии талафоти қарзии пешбинишуда сохтори вақти тағирёбандаҳои зерин мебошанд:

– эҳтимолияти дефолт (PD);

– сатҳи зиён мавриди дефолт (LGD); ва

– маблағи талаботи қарзӣ, ки дар хатари дефолт мебошад (EAD)

Ин нишондодҳо аз моделҳои дохилии оморӣ ва дигар маълумотҳои таърихӣ гирифта шудаанд. Онҳо инчунин барои тамоюлҳои макроиқтисодӣ мутобиқ карда шудаанд, то маълумоти дар оянда пешбинишавандаро инъикос кунанд.

Дар доираи баҳодиҳии талафоти қарзии пешбинишуда қарор қабул карда шуд, ки маҷмӯи сандуқҳо ба гурӯҳҳои зерин тақсим карда шаванд: қарзҳои истеъмолӣ, қарзҳо ба тиҷорати миёна ва хурд, қарзҳои бисёрмақсаднок, ташкилотҳои молиявӣ. Ин тақсимот ҳам аз ҷиҳати мантиқи иқтисодӣ ва ҳам дастрасии иттилоот барои гузаронидани чорабиниҳои зарурии арзёбӣ карда шуд.

Арзёбии эҳтимолияти дефолт (PD) ин тахмини эҳтимолияти иҷро нашудан дар санаи мушаххас мебошад, ки дар асоси он ҳисоб карда мешавад:

- моделҳои матритсаҳои муҳоҷират барои қарзҳои истеъмолӣ, қарзҳо ба тиҷорати хурду миёна, қарзҳои ипотека ва қарзҳои бисёрмақсаднок
- моделҳои рейтингии соявӣ барои ташкилотҳои молиявӣ ва коғазҳои қиматнок, ки эмитент ташкилоти молиявӣ мебошад.

Модели матритсаи муҳоҷират барои қарзҳое, ки дар асоси гурӯҳӣ муайян карда мешаванд

Эҳтимолияти дефолти сандуқи қарзи чакана ва сандуқи тиҷорати хурд ва миёна (ТХМ) дар асоси гурӯҳӣ ҳисоб карда мешавад. Методологияро ба якчанд марҳила тақсим кардан мумкин аст:

1. Дар марҳилаи аввал, маълумот барои ҳар як қарзгир дар доираи сандуқи қарзи чакана ва сандуқи ТХМ, дар доираи ҳар як маҳсулоти қарзии Ташкилот таҳия карда мешавад.
2. Дар марҳилаи дуюм, эҳтимолияти дефолт барои гурӯҳи қарзҳое, ки ба як маҳсулоти қарзӣ мансубанд, ҳисоб карда мешавад.
3. Ғайр аз ин, эҳтимолияти қаблан ҳисобшудаи дефолт (1 соли PD) барои ҳисоб кардани тасҳеҳ бо назардошти дурнамоиҳои макроиқтисодӣ истифода мешавад.
4. Дар асоси ҳисобкардашуда ва қаблан тасҳеҳшуда, бо назардошти дурнамоиҳои макроиқтисодӣ, эҳтимолияти дефолти гурӯҳи қарзҳо, ки дар асоси коллективӣ баҳогузорӣ карда шудаанд, эҳтимолияти дефолти қарз барои тамоми мӯҳлати боқимондаи он (якумра PD) ҳисоб карда мешавад.
5. Ҳисобкунии арзиши LGD - зиёнҳо дар сурати дефолт, ки барои як қарзгирандаи мушаххас муайян карда шудааст, аз рӯи захира вобаста ба мӯҳлати қарзи батаъхирафтода ҳисоб карда мешавад.

Дар доираи ин таҳлил, дар мувофиқа бо роҳбарияти Ташкилот дар доираи сандуқи чакана 9 гурӯҳи маҳсулоти қарзӣ, аз ҷумла: қарзҳои кишоварзӣ, қарзҳои истеъмолӣ ба кормандон, қарзҳои таҳсилотӣ, қарзҳои истеъмолӣ, қарзҳо барои беҳтар кардани шароити манзил, қарзҳои бисёрмақсаднок, қарзҳои бисёрмақсаднок барои баланд бардоштани самаранокии энергия ва қарзҳои ипотека ба кормандон ҷудо карда шуданд.

Сандуқи ТХМ ҳангоми ҳисоб кардани талафоти қарзии пешбинишуда, ба ду зергурӯҳ: қарзҳо ба тиҷорати хурд ва миёна ва қарзҳо барои рушди тиҷорати хурд тақсим карда шуд.

Ҳисоб кардани талафоти эҳтимолии қарзӣ ба истифодаи занҷирҳои Марков дар пешгӯии эҳтимолияти дефолт асос ёфтааст.

